*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 44 - 45 (4627 - 4628) | ДУШАНБЕ, 27 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ НЮ-ЙОРКИ ИМА

**20-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид ба шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сафар намуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои кадрҳо, вазири энергетика ва захираҳои об, раисони кумитаҳои ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**21-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Намоишгоҳи «Таърихи рушди Тоҷикистон», ки дар доираи Конфронси оби СММ-2023 дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк баргузор шуд, иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар маросими ифтитоҳи намоишгоҳ роҳбари Дастгоҳи Дабири кулли СММ Эрл Кортеней Раттрей, муовини Дабири кулли СММ, сафирони кишварҳо ва намояндагони расмии дигар давлатҳои аъзои СММ, инчунин дигар иштирокчиёни Конфронси оби СММ - 2023 иштирок намуданд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ҳамаи иштирокчиёни чорабинӣ, намояндагони воломақоми кишварҳо ва созмонҳои байналмилалиро барои ташрифашон ба намоишгоҳи Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, ба ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид барои ҳамкорӣ дар баргузории ин чорабинӣ изҳори сипос намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба таърихи қабул гардидани Эъломия дар бораи Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон ва талошҳои мардуми тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати расидан ба сулҳу субот ва рушди устувори иқтисодӣ андешаронӣ карданд.

Бо қаноатмандӣ таъкид шуд, ки ҳоло Тоҷикистон бо азму иродаи қавӣ ва мақсаду мароми нек дар фазои сулҳу субот, эҳтироми гуногунандешии сиёсӣ, ризоият ва ваҳдати миллӣ дар роҳи рушду таҳкими пайвастаи пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Ҳадаф аз баргузор кардани намоишгоҳ муаррифии намунаҳои фарогири давраҳои муҳими таърихи давлатдории тоҷикон, фарҳанги ғаниву қадима, табиати зебову нотакрори давлат, захираҳои фаровони табиӣ, имкониятҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ, санъат ва ҳунармандиву меъмории мардуми тамаддунсози тоҷик мебошад.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат оид ба ҳамкории судманди Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ, пешниҳоди ташаббусҳои созандаи кишвари мо оид ба ҳалли мушкилоти обу иқлим ва ҳамкорӣ ҷиҳати мубориза бо таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир андешаҳои ҷолиб баён доштанд.

Дар намоишгоҳ, ҳамчунин роҳбари Дастгоҳи Дабири кулли СММ ҷаноби Эрл Кортеней Раттрей суханронӣ намуд.

Пас аз анҷоми суханрониҳо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳмонон намоишгоҳи «Таърихи рушди Тоҷикистон» ва гӯшаи воқеияти маҷозиро тамошо намуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 3 ва 5)**



## МУСОҲИБА БО ХАБАРНИГОРИ ТЕЛЕВИЗИОНИ СММ

**23-юми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид-2023 бо хабарнигори телевизиони СММ Шакунтала Санзиран мусоҳиба анҷом доданд.**

Мавриди зикр аст, ки ташкилоти бонуфузи сайёра - Созмони Милали Муттаҳид сомонаи интернетӣ ва шабакаи махсуси телевизионии худро дорад, ки дар онҳо аз фаъолияти рӯзмарраи СММ ва ниҳодҳои он, инчунин ҷараён ва натиҷаҳои кори ҷаласаҳои корӣ мавод пахш менамояд.

Зимни мусоҳиба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иқдомоту талошҳои пайвастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, аз ҷумла дар масъалаҳои тадорукотии баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид, ҳадафҳои асосии пешниҳоди ташаббуси панҷуми Тоҷикистон вобаста ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва аз соли 2025 минбаъд ҳар сол таҷлил кардани рӯзи 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», омодагии Тоҷикистон оид ба пешбурди масъалаҳои об, аз ҷумла пайгирии натиҷаҳои Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид-2023, андешаронӣ карданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ЭЛДАР АЗИЗОВ



**20 - уми марти соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сарвари мақомоти иҷроияи шаҳри Боку муҳтарам Элдар Азизов мулоқот анҷом доданд.**

Дар мулоқот доираи васеи масоили ҳамкорӣ ва дурнамои муносибатҳои миёни пойтахтҳои Тоҷикистону Озарбойҷон дар доираи равобити дӯстонаи ҳар ду кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар оғози суҳбат Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сиёсати созандаву бунёдкоронаи роҳбарони олии ҳар ду давлат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Илҳом Алиевро дар тавсеаву тақвияти маҷмӯи муносибатҳои дӯстонаи тарафайн таъкид карданд.

Ҷонибҳо барои густариши ҳамкории гуногунҷанбаи шаҳрҳои Душанбе ва Боку, тақвияти корҳо дар самти фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои пешбурди фаъолияти тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ ва сайёҳӣ, инчунин дар мубодилаи таҷриба дар байни субъектҳои хоҷагидории шаҳрҳо ҳавасмандӣ изҳор намуданд.

**АМИТ «Ховар»**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту ҳафтуми марти соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъд аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Сипас, масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Кодекси иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти муҳандисӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил» ва «Дар хусуси Протокол оид ба қатъи амали Протоколи байни ҳукуматҳои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи мутобиққунии корбурд ва бастани созишномаҳо доир ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата аз даромад ва моликият аз 15 майи соли 1992» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ирсол гардиданд.

Ҳамчунин масъалаҳо «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи намояндагони Штатҳои Муттаҳидаи Америка», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи обшинаҳои Шоҳигарии Англия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлис аш-Шӯрои Арабистони Саудӣ», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шӯрои қонунгузории Бруней-Дорусссалом», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бундестаги Ҷумҳурии Федералии Олмон», «Оид ба ворид намудани илова ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси Миллии Давлати Кувайт (Маҷлис-ал-Уммаҳ)», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти (Сейми) Ҷумҳурии Латвия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Девон Ракияти (Парламенти) Малайзия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси миллии Парламенти Ҷумҳурии Фаронса», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Рийгикогуи (Парламенти) Ҷумҳурии Эстония», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти (Сейми) Ҷумҳурии Лаҳистон», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи намояндагони Зеландияи Нав», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Милли Меджлиси Ҷумҳурии Озарбойҷон», «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам», «Оид ба ворид намудани илова ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Арманистон», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Радаи Олии Украина», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти Ҷумҳурии Финляндия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи ҳамкорӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти Аврупо», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба ҳайати Гурӯҳи миллии Иттиҳоди Байнипарламентӣ», «Оид ба ворид намудани илова ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Корея», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти Ҷумҳурии Сингапур», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вулуси Ҷиргаи Шӯрои Миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи намояндагони Ҷумҳурии Индонезия», «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Палатаи намояндагони Парламенти Япония», «Дар бораи пешниҳоди вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ворид шудан ба ҳайати Гурӯҳи миллии Ассамблеяи Парламентии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ, «Дар бораи ташкили Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парламенти Ҷумҳурии Юнон» ва «Дар бораи сафари Р. Раҷабзода ва Р. Шоҳмурод ба шаҳри Санкт-Петербург» низ баррасӣ гардида, доир ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**Х. АМИНИЁН**
**«Садои мардум»**

# МУЛОҚОТУ ВОХӮРИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## ДАР ДОИРАИ КОНФРОНСИ ОБИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД - 2023 ДАР ШАҲРИ НЮ-ЙОРКИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО








**21-уми марти соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш мулоқот намуданд.**

Дар он масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистону Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, инчунин рӯзномаи конфронси об мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат таъкид карданд, ки аз узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид беш аз сӣ сол сипарӣ шуд ва мо ба таҳкими муносибатҳо бо он пайваста аҳамияти хосса медиҳем.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон омода аст, дар якҷо бо СММ ва давлатҳои аъзои он барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор, рафъи хатару таҳдидҳои муосир ва таъмини арзишҳои волои инсоният саъю талошҳои муштарак ба харҷ диҳад.

Ҳамкорӣ дар самти об, тағйирёбии иқлим ва таъсири оқибатҳои он ба захираҳои об, пешгирии офатҳои табиӣ, рушди иқтидорҳои тавлиди «неруи сабз», қабули қатъномаи Маҷмаи умумии СММ аз рӯи ташаббуси панҷуми Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряххо, аз мавзӯъҳои асосии мулоқот буданд.

Зимни суҳбат масъалаҳои барқароркунии баъд аз бемории сироятии COVID-19, бӯҳронҳои иқтисодиву молиявӣ ва хатару таҳдидҳои терроризму экстремизм муҳокима гардид.

Вобаста ба вазъи сиёсӣ дар Афғонистон таъкид гардид, ки Тоҷикистон аз раванди интиқоли кумакҳои башардӯстона ба мардуми кишвари ҳамсоя ҷонибдорӣ менамояд ва ба ин мақсад кишвари мо тамоми имконоти логистикии худро вогузор намудааст.

**22-юми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо Подшоҳи Нидерланд Виллем Александр мулоқот карданд.**

Дар он дурнамои ҳамкории Тоҷикистону Нидерланд ва масъалаҳои Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи миёнамуҳлати татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028», ки бо ҳамраисии ҳар ду кишвар доир мегардад, баррасӣ шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз имкони дидору мулоқот дар рӯзҳои оғози Ҷашни байналмилалии Наврӯз ва аз шарикии ҳар ду кишвар дар конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид қаноатмандӣ намуданд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба мавқеи кишварҳо дар ҳалли мушкилоти глобалии об, гармшавии иқлим, обшавии пиряххо ва пешгирию бартарафсозии офатҳои табиии марбут ба об, табодули андеша карданд.

Таъкид гардид, ки ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба об, иқлим ва обшавии пиряххо маҳз ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳдиди афзоянда роҳандозӣ гардид, ки аз ҷониби давлатҳои сайёра, минҷумла кишвари Нидерланд, дастгирӣ ёфтаанд.

Дар рафти мулоқот натиҷаҳои ҳамкории ҳар ду кишвар дар давоми 30 соли истиқрори робитаҳои дипломатии Тоҷикистон ва Нидерланд дар соҳаи сиёсӣ, робитаҳои байнипарлумонӣ, бахшҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ, сармоягузорӣ, молиявию тиҷоратӣ, гуманитариву фарҳангӣ, маориф ва сайёҳӣ, муҳокима шуд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, рушди соҳаҳои энергияи сабз, коркарди захираҳои табиӣ, ташкили хатсайрҳои мустақим, таъсиси Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ аз самтҳои ояндадору афзалиятноки ҳамкории ҳар ду кишвар арзёбӣ гардид.

Дар охири мулоқот Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Подшоҳи Нидерланд Виллем Александр барои анҷом додани сафари расмӣ ба Тоҷикистон даъват ба амал оварданд.

Баъд аз анҷоми мулоқот дар ҳузури сарони давлатҳо Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд ба имзо расид. Ба Ёддошти тафоҳум вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазири инфрасохтор ва оби Подшоҳии Нидерланд имзо гузоштанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо раиси Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Чаба Короши мулоқот намуданд.**

Дар он масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷмаи умумро ҳамчун ниҳоди муҳими Созмони Милали Муттаҳид арзёбӣ карда, барои ҷонибдории амиқ аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти марбут ба обу иқлим изҳори сипос намуданд.

Ташкили ҳамоиши таърихии конфронси об, ки дар асоси қатъномаи дахлдори Маҷмаи умумии СММ бо ташаббуси Тоҷикистон қабул шуда буд, намунаи барҷастаи ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид арзёбӣ шуд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодии ҷаҳон, бархӯрдҳои геосиёсӣ ва дигар хатарҳои глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ табодули андеша карданд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои пешбарандаи рӯзномаи обу иқлим буда, пайваста барои ташвиқу таблиғи мудирияти дуруст ва истифодаи оқилонаи ин манбаи барои инсоният ҳаётан муҳим кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Изҳори итминон карда шуд, ки натиҷаҳои конфронс барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба об ва пешбурди Ҳадафи шашуми рушди устувор - «Оби тоза ва беҳдошт» мусоидат хоҳад намуд.

Дар ҳамин замина, раиси Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷонибдории худро аз ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба соли 2028 баргузор намудани конфронси навбатии СММ вобаста ба об дар шаҳри Душанбе, ки дар маросими ифтитоҳи Конференсияи СММ – ОБ 2023 пешниҳод карда шуд, таъкид намуд.

Сарвари давлат ба раиси Иҷлосияи 77-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид, барои дар раванди он қабул гардидани қатъномаи нави Маҷмаи умумии СММ оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», аз рӯи ташаббуси Тоҷикистон, миннатдории худро иброз намуданд.

**24-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо мудири иҷроияи Хазинаи кудакони Созмони Милали Муттаҳид хонум Катерин Рассел мулоқот намуданд.**

Дар он масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар давоми 30 соли шарикӣ баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамкорӣ ҷиҳати ҳифзи саломатии модару кӯдак, таҳсилоти босифат ва фарогир, солимии ҷавонон, ислоҳоти сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи кӯдакро яке аз самтҳои муҳими робитаҳои муштараки босамар арзёбӣ намуданд.

Мудирияти захираҳои об ва ҳамзамон татбиқи «Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки ба Ҳадафҳои рушди устувор мутобиқат мекунад, аз ҷанбаҳои дигари ҳамкорӣ номида шуд.

Сарвари давлат ба роҳбарияти Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид барои дастгирӣ дар давраи бемории сироятии COVID-19 ҷиҳати пешгирӣ аз паҳншавии беморӣ дар Тоҷикистон изҳори сипос карданд.

Таъкид гардид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва наврасонро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ медонад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» мисоли равшани ин гуфтаҳост.

Ҷонибҳо зимни мулоқот, ҳамчунин, масоили ҳамкорӣ дар самти пешгирӣ аз зӯроварӣ дар оила, ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ва нисбат ба ноболиғон содиршуда, ҳифзи ҳуқуқи кудакони осебпазир ва маъюбро баррасӣ карданд.

**www.president.tj**

# МУСОҲИБА БО ХАБАРНИГОРИ ТЕЛЕВИЗИОНИ СММ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Таъкид шуд, ки бо ибтикори Тоҷикистон Маҷмаи умумии СММ тайи 20 соли охир нуҳ қатъномаи марбут ба масъалаҳои обро қабул кард, ки заминаи муносибро барои эълон кардани соли 2003 «Соли оби тоза», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва солҳои 2005-2015 ва 2018-2028 мутаносибан эълон кардани ду даҳсолаи байналмилалии амал - «Об - барои ҳаёт» ва «Об - барои рушди устувор» - ро фароҳам оварданд.

Зикр гардид, ки ҳамаи ин ташаббусҳои созанда ба нафъи аҳли башар ва ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва беҳдошт дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ равон гардидаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки таҷрибаҳои қаблӣ исбот карданд, ки танҳо дар ҳамдастӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад барои мардуми сайёра зиндагии шоистаро таъмин намояд.

Дар ҷараёни суҳбат хабарнигори телевизиони Созмони Милали Муттаҳид ҳамчунин оид ба талошҳову ташаббусҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳалли дигар масъалаҳои мубрами ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва таъсири офатҳои табиии вобаста ба обу иқлим ба иқтисоди кишварҳо, самтҳои афзалиятноки фаъолият, инчунин сиёсати хориҷии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба саволҳои худ посуххои мушаххас гирифт.

**- Ҷаноби Олӣ, пеш аз ҳама, Шуморо бо оғози муваффақонаи Конфронси таърихии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об, ки кишвари Шумо онро мизбонӣ мекунад, табрик менамоям. Луфтан, мегуфтед, ки ин конфронс аз кадом ҷиҳат муҳим аст ва он аз дигар ҳамоишҳо дар масъалаҳои об чӣ фарқият дорад?**

- Ташаккури зиёд барои табрикатон. Шумо дуруст зикр кардед, ки конфронси мазкур таърихӣ аст, зеро он дар таърихи Созмони Милали Муттаҳид бори дуюм - баъд аз қариб 50 сол ба вуқӯъ пайваст. Мо - мизбонони конфронс дар ин ҷода талоши зиёд кардем ва умед дорем, ки он аз рӯи натиҷаҳои самарабахшаш таърихӣ хоҳад гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи захираҳои об дар сайёра, махсусан оби тоза, зери таъсири амиқи таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, тамоюли шаҳрнишинӣ ва саноатикунонӣ сол то сол муташанниҷ гардида истодааст.

Барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла ҳадафи шашум ва дигар ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи байналмилалии марбут ба об моро зарур аст, ки талошу амалҳоро дар ин самт афзоиш диҳем.

Вобаста ба ин, дар раванди омодагӣ ба конфронс мо таваҷҷуҳи асосиро маҳз ба гирифтани уҳдадориҳо ҷиҳати роҳандозии иқдомоти нав ва суръатбахшии амалҳои мавҷуда равона намудем.

Рӯзномаи амал дар соҳаи об, ки мо дар Душанбе муаррифӣ кардем, имрӯз амалу уҳдадориҳои зиёдро фаро мегирад ва бовар дорем, ки зимни Конфронси оби СММ - 2023 ин санад бештар тақвият хоҳад ёфт.

Дар ҳақиқат, моро лозим аст, ки дид ва муносибати худро нисбат ба муҳимтарин манбаи ҳаёт, яъне захираҳои об, тағйир дода, мудирияти онро низ ба шакли нави самаранок ва бо усулҳои навоварона ба роҳ монем.

Аҳамияти конфронс низ дар он аст, ки маҳз дар ҳамин фурсати бисёр муносиб доир мегардад ва метавонад таҳаввулоти ҷиддиро дар ин самт ба бор оварад.

**- Ташаккури зиёд. Албатта, бисёр хурсандиовар аст, ки конфронси мазкур тавонист ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳалли масъалаҳои об ба ҳам оварад. Вале муҳим на ҳамоиш, балки натиҷа ва таъсири он барои ҳалли мушкилоти мавҷуда аст. Шумо иқдомҳои минбаъдаро оид ба таъсиргузору самарабахш шудани конфронс чӣ гуна мебинед?**

- Дарвоқеъ, муҳим натиҷа аст. Натиҷае, ки хусусан ба кишварҳои осебпазир дар ҳалли мушкилоти об мусоидат намояд. Боиси қаноатмандист, ки шумораи зиёди уҳдадориҳои ихтиёрӣ, аллакай ба Рӯзномаи амал дар соҳаи об ворид гардидааст.

Мо бояд механизми самараноки пайгирии татбиқи ин уҳдадориҳоро ба роҳ монем. Аз нигоҳи мо, дар ин раванд бояд аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода шавад.

Аввалан, натиҷаю паёмҳои конфронс бояд ба дигар чорабиниҳои калидии вобаста ба об, тағйирёбии иқлим, пешгирии офатҳои табиӣ ва умуман ҳамаи масъалаҳои марбут ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ дошта бошанд.

Дуюм, мавқеи мавзӯи об дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ бояд тақвият дода шавад.

Ҳамчунин, ба мақсади назорати пайвастаи раванди татбиқи уҳдадориҳо, аз ҷумла Рӯзномаи амали об, зарур аст, ки конфронсҳо ва дигар ҳамоишҳои Созмони Милали Муттаҳид минбаъд мунтазам сурат гиранд.

Ба ин хотир, мо пешниҳод намудем, ки конфронси навбатии СММ оид ба масъалаҳои об соли 2028 дар шаҳри Душанбе дар фарҷоми Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» баргузор гардад.

Илова бар ин, зимни татбиқи ин амалу уҳдадориҳо ва умуман Рӯзномаи амал оид ба об мо пешниҳод намудем, ки «Раванди оби Душанбе», ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад.

Сеюм, ҷиҳати рафъи мушкилоти марбут ба об барои дастгирӣ аз кишварҳои камтараққӣ ва рӯ ба тараққӣ бояд ҳаҷми сармоя ва маблағгузорӣ афзоиш дода шавад.

**- Сипосгузорам. Омодагии Тоҷикистон барои пешбурди масъалаҳои об, аз ҷумла пайгирии натиҷаҳои ин конфронс, лоиқи таҳсин аст. Шумо дар суханрониатон дар ифтитоҳи конфронс иброз намудед, ки Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир масъалаҳои обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш мебарад. Луфтан, мегуфтед, ки ҳадафи асосӣ аз ин ташаббусу иқдомҳо чӣ аст ва то чӣ андоза кишвари Шумо аз ин кор манфиат мегирад?**

- Тоҷикистон ҳанӯз соли 1999 аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси аввалинро оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза» пешниҳод карда буд. Баъдан, дар ҳамин доира бо ташаббуси кишвари мо соли 2013 «Соли ҳамкориҳо дар соҳаи об», солҳои 2005-2015 ва 2018-2028 мутаносибан даҳсолаҳои байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт» ва «Об - барои рушди устувор» эълон гардиданд.

Вобаста ба татбиқи ин ташаббусҳо шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистон борҳо аз чорабиниҳои байналмилалии сатҳи баланд мизбонӣ намудааст.

Моҳи декабри соли гузашта Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бар асоси ташаббуси навбатии мо қатъномаи дахлдорро дар хусуси эълон кардани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» қабул кард.

Ҳадафи асосии ин иқдом ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти глобалии обшавии босуръати пиряххо мебошад. Фарогир гардидани ҳадафу вазифаҳои вобаста ба об зимни Ҳадафҳои рушди устувор дар баробари Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва ҷой ёфтани масъалаҳои об дар рӯзномаи мавзӯъҳои иқлим, гуногунии биологӣ, озуқа, энергетика ва дигар бахшҳо натиҷаи ҳамин талошҳо ва чораҳои андешидашуда мебошанд.

Тоҷикистон ба сифати кишвари манбаи обҳои минтақавӣ, ҳамзамон ҷонибдори истифодаи сарфакоронаву оқилонаи об дар минтақа ва берун аз он аст. Бинобар ин, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтани ҳамаи ташаббусҳои мо ва ба ҳайси яке аз кишварҳои пешсаф дар баррасии масъалаҳои глобалии об эътироф шудани Тоҷикистон дастоварди бузургест.

Мо чунин мешуморем, ки бо ин ибтикорот барои сарфакорона ва одилона истифода бурдани захираҳои об дар сатҳи глобалӣ саҳмгузор шудем. Мо ба мақсади баланд бардоштани маърифатнокии ҷомеа доир ба истифодаи об дар сатҳи миллӣ низ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидем.

**- Шумо дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» гуфтед. Дар ҳақиқат, ин мавзӯъ бисёр муҳим аст. Лутфан, бигӯед, ки аз нигоҳи Шумо ин ташаббус то чӣ андоза ба ҳифзи пиряххо таъсир гузошта метавонад?**

- Пиряххо захираи асосии обҳои тоза дар сайёраи мо ҳастанд. Мутаассифона, миқдори онҳо зери таъсири тағйирёбии иқлим сол то сол кам шуда истодааст.

Дар чанд даҳсолаи охир дар Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор пирях пурра аз байн рафтанд. Обшавии босуръати пиряххо дар дигар қитъаҳои олам, аз ҷумла дар Арктика ва Антарктида, низ ба мушоҳида мерасад.

Аз тарафи дигар, шумораи аҳолӣ сол то сол зиёд шуда, талабот ба об низ босуръат меафзояд.

Бо назардошти ин ҳолат, нишондиҳандаи таъмини об ба сари ҳар нафари аҳолӣ низ сол ба сол камтар мегардад. Дар панҷ даҳсолаи охир ин нишондиҳанда, аллакай, дуюним баробар коҳиш ёфтааст ва тамоюли мазкур ҳоло ҳам идома дорад.

Обшавии босуръати пиряххо, ки сарчашмаи асосии оби тоза ба шумор меравaнд, раванди нигаронкунанда мебошад ва мо бояд барои пешгирӣ аз он чораҳои муассир ва муштарак андешем.

Ҳадафи асосии ташаббуси мо дар самти ҳифзи пиряххо ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муҳимияти ин масъала ва андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии раванди глобалии тағйирёбии иқлим ба пиряххо мебошад.

Эълони «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо», таъсиси фонди махсус ва баргузор кардани Конфронси байналмилалӣ оид ба ин масъала дар шаҳри Душанбе дар соли 2025 аз ҷумлаи василаҳои муҳим ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо мебошанд.

**- Бармегардем ба ҳадафу натиҷаҳои конфронси имрӯза. Корҳои зиёде барои муваффақу самарабахш гардонидани он аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд ҳамчун мизбонони ин ҳамоиши муҳимми ҷаҳонӣ анҷом шуданд. Кишвари Шумо аз ин раванд чӣ омӯхт ва аз натиҷаҳои он чӣ бардоште хоҳад дошт?**

- Албатта, ин боиси ифтихор аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мо иҷрои ин нақши муҳимро вогузор кардааст. Аз тарафи дигар, он масъулияти бузургест, ки мо онро ба хубӣ дарк кардаем.

Ҳамин аст, ки мо якҷоя бо Подшоҳии Нидерланд, ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон талош намудем, то ин конфронс, воқеан ҳам, муваффақ ва аз лиҳози натиҷаҳояш таърихӣ гардад.

Таҷрибаи асосие, ки дар ин раванд мо гирифтем, тарзи дуруст ва ҳадафмандонаи баррасии мавзӯи об мебошад, ки дар ниҳоят бо ташаббуси Тоҷикистону Нидерланд, ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро дар як муколамаи созанда ба ҳам овард.

Ҷанбаи муҳими дигаре, ки мехостам зикр намоям, он аст, ки барои расидан ба самараи дилхоҳ, пеш аз ҳама, муттаҳидсозии саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар татбиқи амалҳои муштарак зарур мебошад.

**- Муваффақ бошед! Ва саволи охирин – Шумо, воқеан, яке аз пешвоёни ҷаҳонӣ ҳастед, ки масъалаи обро пайваста пайгирӣ мекунед. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти равандҳои имрӯза атрофи масъалаҳои об чӣ паёме ба ҷомеаи ҷаҳонӣ доред?**

- Солҳои охир мо шоҳиди хушксоливу обхезиҳои бесобиқа будем, ки бо миқёси бузург ва фарогирии ҷуғрофии ғайричашмдошт боиси нигаронии амиқи ҳамагон гардиданд.

Вазъият хеле нигаронкунада аст ва онро бояд ҷиддӣ гирифт. Мутаассифона, иқдому амалҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар ин самт ҳанӯз ҳам кофӣ нестанд.

Ҳадаф аз ташаббусҳои мо дар соҳаи об ва ҳифзи пиряххо тавассути дипломатияи об ва истифодаи оқилонаи захираҳои он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ таъкид намудани мушкилоти ин соҳа ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо мебошад.

Дар ҷаҳон кишваре нест, ки аз мушкилоти об вобастагӣ надошта бошад. Ин мушкилот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми дунё мушоҳида мегардад. Дар баъзе кишварҳо мардум аз норасоии об барои нӯшокӣ, полезӣ, беҳдошт ва дигар бахшҳо танқисӣ доранд. Аз тарафи дигар, офатҳои зиёди табиӣ, мисли хушксолӣ, селу обхезиҳо ва тармафароӣ, ба иқтисод ва ҳаёти мардум хисороти зиёде меоваранд.

Барои ҳамин, ман фикр мекунам, ки дар ҳамаи ин масъалаҳо ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам минтақавию глобалӣ бояд механизмҳои боэътимоди муосир барои таъмини об ва мудирияти самараноки масъалаҳои марбут ба он таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд. Чунки дар сурати нодида гирифтани мушкилоти ҷойдошта, расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар ҳама кишварҳо ғайриимкон мегардад.

Кӯшишҳои мо дар соҳаи об собит намуданд, ки об метавонад ба сифати омили пайвандгар дар муносибатҳои давлатҳо нақши муассир бозад.

Дар зимн, Тоҷикистон омодагиро ҷиҳати табодули таҷрибаи дар ин соҳа андӯхтааш бо ҳамаи шарикон изҳор менамояд.

Дар ин замина конфронси мазкур фурсати муносибе фароҳам овардааст. Итминони комил дорам, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин фурсату имконият дуруст истифода хоҳад кард.

## ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУСОҲИБА БО ХАБАРНИГОРИ ТЕЛЕВИЗИОНИ СММ:

- Захираҳои об дар зери таъсири амиқи тағйирёбии иқлим, шаҳрнишинӣ, афзоиши аҳолӣ, саноатикунонӣ ва ғайра қарор дорад.

- Арзёбиҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз баъзе пешравиҳо, барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла ҳадафи шашум ва дигар ҳадафҳои марбут ба об, моро зарур аст, ки талошу амалҳои худро ба маротиб афзоиш диҳем.

- Вақти он расидааст, ки дар низоми Созмони Милали Муттаҳид як воҳиди махсус оид ба об таъсис дода шуда, фиристодаи вижаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба об таъин карда шавад.

- Зарур аст, ки барои баррасӣ ва таҳлили амалҳо ва уҳдадориҳои вобаста ба об ҷаласаҳои мунтазам, шояд ҳар ду-се сол як маротиба баргузор карда шавад.

- Бо назардошти алоқамандии зичи об бо дигар Ҳадафҳои рушди устувор об бояд дар дигар рӯзномаҳои ҷаҳонӣ ва ҷамъомадҳои сатҳи баланд ҳамгиро карда шавад.

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ НЮ-ЙОРКИ ИМА




(Идома аз саҳ. 1)

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби СММ дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар маросими тақдими туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид иштирок намуданд.**

Дар маросими тақдими туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид муовини Дабири кулли СММ оид ба масъалаҳои стратегӣ, сиёсӣ ва назорат дар соҳаи идора, раиси Комиссия оид ба фарҳанг Катрин Поллард иштирок намуд.

Таъкид гардид, ки туҳфаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоскунандаи нақши назаррас ва рамзи аҳамияти санъат дар таҳкими сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ байни халқҳо мебошад.

Тоҷи кунгурадор бозёфти нотакрори таърихӣ буда, ба замони оғози ташаккулёбии халқи тоҷик - ибтидои давлатдории Кушониён рост меояд ва бо номи этникии «тоҷик» робитаи бевосита дорад. Реша ва асли калимаи «тоҷик» аз вожаи «тоҷ» ва маъноаш тоҷдор, яъне давлатдор мебошад.

Ин нигора, ҳамчунин, таърихи қадим ва мероси ғанӣ доштани халқи тоҷикро, ки аз замонҳои қадим дар руҳияи сулҳу субот ва ба таври осоишта бо тамаддуну миллатҳои дигар дар рӯҳияи сулҳу субот ҳамзистӣ доштааст, муаррифӣ мекунад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суҳбат таъкид карданд, ки ин ҳадя, ҳамчунин саъю талоши ҳамаҷониба ва дастгирии мардуми тоҷикро аз ҳадафҳо ва арзишҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти таҳкими муносибатҳои дӯстонаи байни кишварҳо дар заминаи эҳтироми усули баробарӣ ва худмуайянкунии халқҳо тавассути таърих, санъат ва маданият бозгӯӣ менамояд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед карданд, ки давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ва меҳмонони ин ниҳоди бонуфузи байналмилалӣ бо дидани нигора аз фарҳангу таърихи бостонии мардуми мо - тоҷикон ёдовар хоҳанд шуд.

**21-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Подшоҳи Нидерланд муҳтарам Виллем Александр дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 дар чорабинии «Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар» иштирок карданд.**

Ба муносибати баргузории «Конфронси оби СММ - 2023» дар даромадгоҳи бинои асосии қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк намоишгоҳи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд ташкил шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Подшоҳи Нидерланд муҳтарам Виллем Александр ба макони баргузории намоишгоҳи марбут ба об ташриф оварда, онро расман ифтитоҳ намуданд.

Намоишгоҳ ба таври рамзӣ ҳамчун гузаргоҳ - нақби пӯшида ташкил гардида, пурра мавзӯи об ва ободиро таҷассум менамуд.

Бо даъвати шаҳрванди Австралия хонум Мина Гули, ки чанде пеш ба ифтихори ташаббуси чоруми ҷаҳонии Тоҷикистон Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар як қатор давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, дави байналмилалӣ анҷом дода буд, сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Нидерланд дарҳои рамзии намоишгоҳро расман боз намуда, вориди он шуданд.

Дар намоишгоҳ доир ба аксу ангораҳои ифодагари муҳимияти об дар таъмини рушди устувор ва ҳаёт дар сайёра ба сарони давлатҳо маълумоти муфассал дода шуд.

Баъд аз берун шудан аз нақб-намоишгоҳи рамзии об Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Подшоҳи Нидерланд муҳтарам Виллем Александр, муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Ли Ҷунҳуа ва хонум Мина Гули акси хотиравӣ гирифтанд.

Пас аз тамошои намоишгоҳи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Подшоҳи Нидерланд муҳтарам Виллем Александр дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 ва чорабинии «Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар» аз намоишгоҳи ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон боздид ба амал оварданд.

Сарони давлатҳо дар намоишгоҳ бо маҳсули дасти ҳунармандони хушзавқу хушсалиқаи тоҷик, аз ҷумла сарулибоси миллӣ, ҳунари кандакорӣ дар чӯб, оҳангарӣ, нонҳои хуштамъ, санъати рассомӣ, асбобҳои мусиқӣ, расму мусавварахо аз мавзеъҳои зебову нотакрори кишвар ва маҳсулоти аз сангҳои қиматбаҳои Ватан омодагардида шинос шуданд.

Бояд гуфт, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар кишвар баҳри рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва эҳёи ҳунарҳои қадимаи мардумӣ тадбирҳои муҳим андешида шудааст.

Ҳамаи ашёҳои дар намоишгоҳ гузошташуда бозгӯи фарҳангу тамаддуни ғанӣ буда, аз ҳунармандӣ, бунёдкорию ободгарӣ ва меҳнатдӯстии мардуми тоҷик шаҳодат медиҳад.

Ҳунармандону устоҳои чирадаст бо истеҳсоли маҳсулоти гуногун касби пурифтихор ва анъанаи неки ниёконамонро идома дода, барои эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳон хизмати шоиста менамоянд.

Подшоҳи Нидерланд Виллем Александр ва дигар иштирокчиёни Конфронси оби СММ - 2023 аз тамошои намоишгоҳи ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон таассуроти нек бардоштанд.

Пас аз анҷоми намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ дар доираи чорабинии «Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар» барномаи ҳунарии идонаи наврӯзии устодони санъат ва ҳунармандони тоҷик баргузор гардид, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Подшоҳи Нидерланд муҳтарам Виллем Александр, дигар намояндагони расмии давлатҳои аъзои СММ ва меҳмонони Конфронси оби СММ- 2023 иштирок намуданд.

Пеш аз оғози чорабинии фарҳангӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди ҳозирин нутқи пурмуҳтаво карданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиёни чорабинии идонаро ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик намуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба таърихи ин ҷашни хусравонӣ ва бостонӣ андешаронӣ карда, таъкид намуданд, ки ба шарофати шомил гардидан ба Рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО ва аз соли 2010 бар асоси қарори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил мегардад.

Наврӯз яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумӣ буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Таҷлили ин ҷашн аз замонҳои қадимтарин то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳастиву ҳувияти тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи он ба ҳисоб меравад.

«Наврӯз айёми тавозуни рӯзу шаб буда, баробари эҳёи куллии табиат ба инсон рӯҳу равони тоза мебахшад, ӯро ба рӯзи неку рӯзгори ободу пешрафту созандагӣ ҳидоят мекунад», - изҳор доштанд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Басо рамзист, ки аз соли 1993 ба ин сӯ дар рӯзи дуюми Наврӯз, яъне 22 март ҷомеаи байналмилалӣ «Рӯзи ҷаҳонии об»-ро таҷлил менамояд.

Қобили таъкид аст, ки мушкилоти вобаста ба об имрӯз ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯзномаи ҷаҳонии рушд табдил ёфтааст. Маҳз бо дарназардошти ин ҳолат, дар санадҳои сатҳи ҷаҳонӣ, ки солҳои охир қабул гардидаанд, маҷмӯи масоили марбут ба об ҷойгоҳи хоса дорад.

(Давомаш дар саҳ. 5)



# ҶАШНИ НАВРӮЗ ҲИКМАТУ ФАЛСАФА ВА АҲАМИЯТИ БУЗУРГИ ИЛМӢ ДОРАД

## Паёми шодбошии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни байналмилалии Наврӯз

шаҳри Душанбе, 20-уми марти соли 2023

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ - оини баробаршавии шабу рӯз ва эҳёи табиат самимона табрик мегӯям.

Дар айёми омодагӣ ва таҷлили ҷашни Наврӯз мо шукрона мекунем, ки ба шарофати истиқлолу озодӣ барои таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи суннату анъанаҳо, расму оинҳо ва маросиму ҷашнҳои асили миллиамон, аз ҷумла Наврӯз, Сада, Тиргон, Меҳргон ва оммавӣ гардонидани онҳо имконият пайдо кардем.

Дар замони соҳибистиқлолӣ мо на танҳо ҷашну оинҳои бостониамонро эҳё намудем, балки онҳоро ҳамчун падидаҳои дорои аҳамият ва арзиши умумибашарӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври шоиста муаррифӣ кардем.

Соли сенздаҳум аст, ки Наврӯз – ҷашни бостонии миллии мо ва мардумони ҳавзаи тамаддуни он дар миқёси байналмилалӣ таҷлил мегардад.

Наврӯз мисли дигар ҷашнҳои аҷдодии мо ҳикмату фалсафа ва аҳамияти бузурги илмӣ дорад.

Омили муттаҳидкунанда ва василаи ҳамдигарфаҳмии халқу миллатҳои гуногун будани Наврӯз яке аз бузургтарин ҳикматҳои он ба ҳисоб меравад, ки дар шароити мураккабу печидаи ҷаҳони имрӯза бисёр муҳим мебошад.

Густаришу ситоиши хираду дониш ва муҳаббату самимият дар байни одамон, сулҳу субот миёни қавму миллатҳо ва шодиву нишоти ҳамаи афроди ҷомеа моҳият ва фалсафаи зиндагисози Наврӯз аст, ки тайи ҳазорсолаҳо ба мардуми мо ва халқҳои дигар хизмат кардааст.

Қобили зикр аст, ки маҳз ҳамин хусусиятҳои Наврӯз дар замири мардуми мо инъикос ёфта, аҳли башар тоҷиконро ҳамчун миллати фарҳангиву тамаддунсоз мешиносанду эҳтиром менамоянд.

Воқеан, Наврӯз бо оину анъанаҳои деринаи маънавии он ҷашни моҳиятан ва аслан фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси ифтихору қаноатмандист, ки Наврӯз бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи ғаниву рангинаш ҳамчун рамзи рӯзи нав, оғози соли нав ва иқдому ташаббусҳои нав ба беҳтарин василаи худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми мо табдил ёфтааст.

Аз ин лиҳоз, мо Наврӯзро дар баробари ҷашни истиқлолият азизу гиромӣ медорем ва ин ҳар ду ҷашнро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ва тантанаву самимияти беандоза таҷлил менамоем.

Наврӯз тарғибгари арзишҳои таҳаммулгароӣ, эҳтирому арҷгузорӣ ба гуногуншаклии фарҳангӣ ва сулҳу созиш мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, ин ҷашни бостониро хурду бузурги мардум, сарфи назар аз мансубияти милливу динӣ, бо шодиву нишот ва дастҷамъона таҷлил мекунанд.

Дар робита ба ин таъкид менамоям, ки ҳамин хусусияту арзишҳои Наврӯз ҳангоми қабули пешниҳоди Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳавзаи тамаддуни он доир ба мақоми байналмилалӣ додан ба ин оини бостонӣ нақши ҳалкунанда бозиданд.

Эҳёи Наврӯз ва ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани он ки боиси боз ҳам боло рафтани нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ гардид, моро водор месозад, ки суннатҳои ахлоқиву маънавӣ ва иҷтимоиву фарҳангии онро минбаъд низ инкишоф диҳем ва онҳоро ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ намоем. Зеро мо – тоҷикон, дар ҳақиқат, миллати куҳанбунёду соҳибфарҳанг ва соҳибтамаддун буда, ба арзишҳои ҷовидонаи инсондӯстиву таҳаммулгароӣ ва зебоипарастиву созандагӣ ҳамчун асоси маънавиёти миллиамон ҳамеша арҷ мегузорем.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ хотирнишон намоям, ки мардуми заҳматпешаву созандаи мо дар баробари эҳё намудани суннатҳои наврӯзӣ дар давраи омодагӣ ба ин ҷашн ба тозаву озода кардани хонаву кошона ва маҳалли зисти худ, боз ҳам ободу зебо гардонидани гулгашту хиёбонҳо ва бунёди боғҳои нав таваҷҷуҳи махсус медиҳанд.

Воқеан, бо фарорасии баҳор ва омадани Наврӯз на танҳо табиат зинда мешавад, балки дар қалби инсонҳо низ меҳри заҳмату талош ба хотири ободиву беҳтар намудани шароити зиндагӣ даҳчанд мегардад.

Қадамҳои зиндагибахши Наврӯз баъди фасли сармо ҳамчун рамзи пирӯзии гармӣ бар сардӣ ва рӯшноӣ бар торикӣ рӯҳи инсонҳоро болида ва қалби онҳоро саршор аз фараҳу шодӣ ва умеду орзу мегардонад.

Наврӯз, инчунин, ҷашни кишоварзон аст ва онро аз ҳама бештар аҳли киштукор, яъне рӯзирасонҳои мардум интизорӣ мекашанд.

Бовар дорам, ки кишоварзони асили мо имсол низ ба хотири фаровонии дастархони мардум корҳои баҳориро вусъати бештар мебахшанд ва ҳар рӯзи мусоиди баҳорро самаранок истифода карда, барои ба даст овардани ҳосили фаровон замина мегузоранд.

Хусусан, дар шароите, ки бар асари бӯҳронҳои иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои вобаста ба он – камобиву хушксолии паёпай, инчунин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ раванди камчин шудани маҳсулоти ғизоӣ ва болоравии нархҳо идома дорад, мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, аз обу замин самаранок истифода бурда, истеҳсоли маҳсулотро афзоиш диҳем, фаровонии бозори истеъмолӣ ва рӯзгори осудаи аҳолии кишварамонро таъмин намоем.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки имсолу соли оянда вазъи ҷаҳон дар масъалаи таъминот бо озуқаворӣ боз ҳам мураккабу вазнин мегардад.

Бинобар ин, мо бояд ҳар як ваҷаб заминро самараноку оқилона истифода бурда, кишти такрориро васеъ ба роҳ монем, аз заминҳои обӣ ҳатман ду - се ҳосил рӯёнем, фикри аҳли оила, фарзандон ва ҷомеаи худро кунем.

Соли гузашта кишоварзони мо содиқона заҳмат кашиданд ва дар кишвар захираи кофии маводи ғизоӣ фароҳам оварда шуд. Дар натиҷа, мардуми мо фасли тирамоҳ ва махсусан, зимистони сардро ба осонӣ ва бе мушкиливу муҳтоҷӣ гузарониданд.

Ҳамчунин, хотиррасон месозам, ки бо дарназардошти шароити вазнини ҷаҳони муосир мо бояд сарфаю сариштакор бошем ва ҳаргиз ба зиёдаравию исрофкорӣ ва намоишкориву зоҳирпарастӣ роҳ надиҳем.

Мардуми мо аз қадимулайём хони наврӯзиро бо меваю шириниҳои дастӣ ва таомҳои аз гиёҳу алафҳои баҳорӣ омодашуда мерос гирифтанд. Мо бояд ин анъанаи хуби аҷдодиро идома диҳем.

Дигар ин ки ба тарзи либоспӯшии миллии худ, ки мисли баҳор бисёр зебо мебошад ва эҳё кардану рушд додани ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла таомҳои миллӣ, эътибори ҷиддӣ зоҳир намоем.

Инчунин, ба таълиму тарбияи фарзандонамон ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар барои онҳо бо масъулияти баланд муносибат кунем.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Чунонки медонед, то имрӯз якчанд ташаббусҳои инсондӯстонаи Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти глобалӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, дар миқёси сайёра амалӣ шуда истодаанд.

Мояи ифтихору сарфарозии мардуми шарифи Тоҷикистон аст, ки дар рӯзҳои таҷлили Наврӯзи байналмилалии имсола рӯзҳои 22 – 24-уми марти соли 2023 дар заминаи татбиқи ташаббуси Тоҷикистон – Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» дар шаҳри Ню-Йорк бо ҳамраисии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид доир мегардад.

Қобили зикри махсус аст, ки ин рӯйдод эътирофи саҳми арзишманди Тоҷикистон дар ҳалли муҳимтарин мушкилоти глобалӣ мебошад.

Ҳамчунин, бо қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидани ташаббуси панҷуми Тоҷикистон оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва муқаррар гардидани 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» далели возеҳи робитаи амалҳои башардӯстонаи мо бо ҷашни пайванди инсон ва табиат, яъне Наврӯзи байналмилалӣ, ҳифзи захираҳои об ва муҳити зист буда, албатта, боиси сарфарозиву қаноатмандии шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

Итминон дорам, ки Наврӯзи имсола бо қадамҳои муборакн худ ба мардуми куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафу мақсадҳои дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ гузошташуда фатҳу кушоишҳои нав хоҳад овард.

**Ҳамватанони азиз!**

Яке аз рамзҳои Наврӯз оростани хони идона ва ба намоиш гузоштани навъҳои гуногуни таомҳои миллӣ, ба бар намудани либосҳои миллии идона ва пешкаш кардани дастранҷи ҳунармандони чирадаст ба ҳисоб меравад, ки инъикосгари фарҳанги ғании рӯзгордорӣ, либоспӯшӣ ва ҳунармандии тоҷикон мебошанд.

Зарур аст, ки ҳангоми баргузории чунин чорабиниҳо ба мазмуну муҳтаво ва сатҳу сифати онҳо, инчунин, ғановату зебоии фарҳанги асили аҷдодӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар робита ба ин, хотиррасон менамоям, ки мардуми мо табиатан тозагиву озодагиро дӯст медоранд.

Оинҳои наврӯзӣ низ тозагии ботину зоҳири инсонро тарғиб мекунанд. Аз ин лиҳоз, мо бояд дар айёми наврӯзӣ ва чорабиниҳои ҷашнӣ хонаву кошона ва деҳаву маҳали зисти худро тозаву озода нигоҳ дошта, ҳамчунин, қоидаҳои беҳдошти шахсиву ҷамъиятиро ҷиддӣ риоя намоем.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки мо - мардуми Тоҷикистон Ҷашни байналмилалии Наврӯзро бо шукронаи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ таҷлил менамоем ва кору фаъолияти созандаи худро ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ вусъат мебахшем.

Мо бо заҳмати аҳлона ба тамоми ҳадафҳои неки худ мерасем, Ватани маҳбубамон - Тоҷикистонро дарояндаи наздик ба як мулки ободу пешрафта табдил дода, нуфузу обрӯи онро дар сатҳи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем.

Бори дигар фарорасии Соли нави аҷдодӣ - Наврӯзи байналмилалиро ба тамоми мардуми кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони тоҷик тандурустӣ, саодати рӯзгор, иқболи нек ва файзу баракат орзу менамоям.

**Соли нави аҷдодӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# МОҲИ РАМАЗОН - БЕҲТАРИН ФУРСАТ БАРОИ ТАРБИЯИ ИНСОНИ СОЛЕҲ

## Паёми шодбошии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон

шаҳри Душанбе, 22-юми марти соли 2023

**Ҳамватанони азиз!**

**Фардо моҳи шарифи Рамазон оғоз мегардад.**

Ба ин муносибат тамоми сокинони кишварро самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонавода тансиҳатӣ, осоишу оромӣ ва файзу баракат орзу менамоям.

Моҳи шарифи Рамазон тибқи таълимоти дини мубини ислом, моҳи нузули «Қуръон», айёми хайру баракат, тоату ибодат ва парҳез аз кинаву адоват мебошад.

Яъне, ҳар як мусулмон дар ин моҳ бояд аз ҳама гуна аъмоли зишту нораво худдорӣ карда, дигаронро низ ба роҳи росту дуруст, анҷом додани амалҳои хайру писандида, сабру таҳаммул, раҳму шафқат ва некиву накукорӣ даъват намояд.

Яке аз анъана ва суннатҳои неке, ки дар моҳи Рамазон анҷом дода мешавад, дароз кардани дасти хайру саховат ба ниёзмандон аст.

Мусулмонон бояд ҳамеша ва хусусан, дар ин моҳи муқаддас рисолати имонӣ ва виҷдонии худро барои оромиву субот ва рушди ҷомеа, аз ҷумла дастгирии эҳтиёҷмандон ва беҳтар гардонидани шароити зиндагӣ анҷом диҳанд.

Бо дарназардошти он ки ҳадафи дини мубини ислом тарбияи инсони солеҳ аст, моҳи Рамазон беҳтарин фурсат ва накутарин мактаби ахлоқӣ дар роҳи расидан ба ин мақсад мебошад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Имсол моҳи шарифи Рамазон ба давраи саршавии мавсими киштукори баҳорӣ рост омад. Мо бояд аз ҳар рӯзи мусоиди баҳорӣ самаранок истифода бурда, корҳои кишоварзиро вусъат бахшем.

Дар шароити имрӯза, ки бар асари гармшавии иқлим ва пайомадҳои ногувори он – хушксоливу камобии паёпай бисёр кишварҳои дунё аз норасоии маводи озуқа ва болоравии нархҳо танқисиву азият мекашанд, ҷиҳати бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин намудани бозори истеъмолӣ, фаровонии дастурхони мардум ва таъмини амнияти озуқаворechии мамлакат истифодаи оқилонаву самараноки обу замин ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулот аз ҳар яки мо масъулияти баланд ва заҳмати боз ҳам бештарро тақозо менамояд.

Фаромӯш набояд кард, ки Худованд ризқу рӯзӣ ва хайру баракати ҳар шахсро ба ақлу хирад ва заҳмату талоши ӯ вобаста медонад.

**Ҳамватанони арҷманд!**

Тибқи муқаррароти дини мубини ислом, рисолати бузурги худоҷӯиву тақводорӣ, пеш аз ҳама, дар расонидани кумак ба ниёзмандон зоҳир мегардад.

Яъне мо бояд ҳангоми гирифтани рӯза, қабл аз ҳама, талаботи ахлоқӣ ва инсондӯстиву иҷтимоии онро ҷиддӣ риоя намоем. Ба зоҳирпарастиву худнамоӣ роҳ надиҳем, зеро Худованди мутаол хоксорӣ, сарфакорӣ ва накукориро дӯст медорад.

Ҳамватанони азизи мо аз вазъи ҷаҳони муосир хуб огоҳанд.

Бори дигар таъкид месозам, ки масъалаи таъмин намудани аҳолӣ бо маводи ғизоӣ дар аксари кишварҳои дунё, хусусан, солҳои охир ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтааст.

Бо дарназардошти шароит ва вазъи кунунии ҷаҳон мо бояд сариштакор бошем, ба зиёдаравӣ роҳ надиҳем ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҳатман риоя намоем.

Вобаста ба исрофкорӣ Худованд дар сураи «Аъроф», ояти 31-уми каломи осмонии худ таъкид кардааст: «Бихӯреду бинӯшед ва исроф накунед, зеро Худованд исрофкоронро дӯст намедорад».

Қобили зикр аст, ки таълимоти дини мубини ислом мардумро ба таҳким бахшидани ҳамдигарфаҳмиву ҳамбастагӣ, сулҳу оромӣ, сабру таҳаммул ва дигар аъмоли писандидаи инсонӣ даъват ва ҳидоят мекунад.

Мо бояд моҳияти аслии фарҳанги исломиро дуруст дарк карда, онро бо дарназардошти арзишҳои миллиамон ба манфиати тарбияи инсони комил истифода барем.

Анҷом додани ин кор дар шароити кунунӣ, аз ҷумла густариши таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва унсурҳои фарҳангии бегона ба мафкураи мардум, махсусан, наврасону ҷавонон бисёр муҳим ва зарур мебошад.

Дар вазъияти ниҳоят ҳассос ва осебпазири ҷаҳони муосир мардуми моро зарур аст, ки неъмати бебаҳои истиқлолияту озодӣ ва дастовардҳои он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро бо ҳисси баланди ватандорӣ ва зиракиву ҳушёрии сиёсӣ эҳтиёт ва ҳифз намоянд.

Бовар дорам, ки мардуми шарифи Тоҷикистон минбаъд низ суннатҳои неки инсондӯстиву сулҳпарварии аҷдоди неконамамонро идомаву тақвият мебахшанд ва ба хотири сулҳу суботи ҷовидона, таҳкими ваҳдати миллӣ, пешрафти давлати соҳибистиқлоламон ва ободиву тараққиёти Ватани азизамон содиқонаву софдилона заҳмат мекашанд.

Бори дигар тамоми мардуми кишварро бо фарорасии моҳи шарифи Рамазон табрик гуфта, ба хонадони ҳар яке аз ҳамватанонамон файзу баракат, зиндагии орому осуда, хушрӯзӣ ва иқболи нек орзу менамоям.

**Фарорасии моҳи шарифи Рамазон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# НОМАҲОИ ШОДБОШӢ АЗ НОМИ ЯК ҚАТОР САРОНИ ДАВЛАТҲО БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ



**Дар рӯзҳои ҷашнии наврӯзӣ ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз номи як қатор сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ ва роҳбарони созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз номаҳои шодбошӣ ворид шуданд.**

**Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин дар номаи шодбошӣ ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин менигорад:**



**«Муҳтарам ҷаноби Президент!**

Лутфан бифармоед, ки аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой, халқи Хитой ва шахсан аз номи худам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми дӯсти Тоҷикистон номаи шодбоширо ба муносибати ҷашни анъанавии Тоҷикистон - Наврӯз арз намоям.

Зимни мулоқоти дуҷониба, ки дар рафти саммити Созмони ҳамкории Шанхай дар Самарқанд моҳи сентябри соли гузашта доир гардид, мо ҷиҳати таъмиқи муносибатҳои дуҷониба, тавсеаи ҳамкории амалӣ, ҳамчунин атрофи масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мубодилаи афкор анҷом дода, ба як қатор тавофуқоти муҳим расидем, ки самти рушди минбаъдаи муносибатҳои миёни Хитой ва Тоҷикистонро возеҳ муайян карданд.

Ман ба густариши муносибатҳои Хитой ва Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоям, аз иштироки Шумо дар саммити якуми «Хитой ва Осиёи Марказӣ» ва боздиди Шумо аз Хитой бо сафари давлатӣ дар моҳи майи соли равон истиқбол менамоям. Интизор дорам, ки бо мақсади пешбурди ҳамкории дуҷониба ба марҳилаи ҷадид мо бо Шумо нақшаи бузурги рушди муносибатҳои байни Хитой ва Осиёи Марказӣ, Хитой ва Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Ба Шумо саломатии бардавом ва дар фаъолиятатон комёбиҳои бузург орзу менамоям.

Ба мардуми дӯсти Тоҷикистон саодату некуаҳволӣ хоҳонам».

**Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ чунин номаи шодбошӣ ирсол намудааст:**



**«Зи кӯи ёр меояд насими**
**боди наврӯзӣ,**
**Аз ин бод ар мадад хоҳӣ,**
**чароғи дил барафрӯзӣ.**
**Ба саҳро рав, ки аз доман**
**ғубори ғам бияфшонӣ,**
**Ба гулзор ой, к-аз булбул**
**ғазал гуфтан биёмӯзӣ.**
(Ҳофиз)

Бо камоли хушҳолӣ фаро расидани Наврӯзи бостонӣ, ҳангомаи растохези табиат ва оғози соли 1402 ҳиҷрии шамсиро ба Ҷаноби Олӣ ва мардуми азизи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Баҳор мавсими тағйир ва дигаргунии замин ва табиат, фасли нав шудан ва аз нав барангехта шудан ва нишонае барои аҳди тафаккур ва андеша аст, то ба воситаи ҷустуҷӯ ва андеша дар яке аз бошукӯҳтарин ҷилваҳои табиии ҷаҳони ҳастӣ роҳ ба сӯи ҷамоли Парвардигори хеш баранд ва Наврӯз ин оини пурмеҳру куҳан, мазҳари фарҳанг ва тамаддуни чандҳазорсола ва ғанӣ, ёдовари ишқу меҳрварзӣ, башоратгари таровату тозагӣ, мояи бедории дил ва нишон аз қудрати безаволи илоҳӣ аст.

Умед дорам, ба муборакии ин Наврӯзи фархунда, таҳаввули азим дар ҳолу аҳвол ва қалбҳои мардумонамон рух диҳад ва ба воситаи пайвандҳои деринаи таърихӣ ва фарҳангии муштараки баргирифта аз Наврӯз битавонем бо тавсеа ва таъмиқи равобит ва муносиботи дӯстонаи байни кишварҳоямон дар масири рушду пешрафти миллатҳоямон гом бардорем ва дар ин росто Ҷумҳурии Исломии Эрон омодаи муносибот ва ҳамкории беш аз пеш бо тамоми кишварҳои ҳавзаи тамаддунии Наврӯз дар ҷиҳати густариши сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон аст.

Аз Худованди мутаол саломативу муваффақияти он Ҷаноб ва беҳрӯзиву шодкомии мардуми кишвари дӯсту бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соле ҳамроҳ бо хайру баракат барои ҳамагон орзу дорам».

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев чунин навишта шудааст:**



**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон! Бародари азиз!**

Шумо, Ҷаноби Олӣ ва мардуми дӯсти Тоҷикистонро бо иди Наврӯз - рӯзи бедорӣ ва таҷдиди табиат самимона табрик менамоям.

Моҳияти қудсии Наврӯз тӯли ҳазорсолаҳо ба таври равшан дар шарафмандии мардумони бародари мо ифода мегардид ва имрӯз ин ҷашни беназир ба дилҳои мо шодии беканор мебахшад.

Хосатан, он чиз мояи хушнудии мост, ки дар солҳои охир байни Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳамкориҳои гуногунпаҳлу, ки бар пояи усули некуҳамсоягӣ, эҳтироми мутақобил ва манфиатҳои муштарак устувор гардидаанд, тавсеа мeёбанд.

Эътиқоди қавӣ дорам, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳои минбаъдаи сатҳи олӣ ва саъю талоши муштаракамон муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ байни кишварҳои дӯсти мо дар оянда ҳам рушд хоҳанд кард.

Аз фурсат истифода бурда, дар ин рӯзҳои фараҳбахш ба Шумо ва ҳамаи аъзои оилаатон саломатии бардавом, бахту саодат ва ба мардуми бародари Тоҷикистон сулҳу пешрафти ҳамешагӣ таманно дорам».

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим - Жомарт Токаев чунин омадааст:**



**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Ба муносибати ҷашни Наврӯз табрикоти самимӣ ва таманниёти беҳтарини маро ба Шумо ва тамоми мардуми Тоҷикистон бипазиред.

Мардумони ба ҳам бародари мо ин ҷашни аз қадимулайём соҳибқадрро ҳамчун тантанаи созгорӣ ва ваҳдат, баёнгари накукории беғаразона ва саодатмандӣ бо эҳсосоти гарми хоса истиқбол мегиранд. Бигзор ин рӯзҳои фараҳбахши Наврӯз барои мо нури меҳрубонӣ афрохта, ба давлатҳои ба ҳам муттафиқи мо некуаҳволӣ ва рифоҳ ато фармоянд.

Итминон дорам, ки ба шарофати талошҳои муштарак шарикии стратегии Қазоқистон ва Тоҷикистон, ки бар дӯстии безавол ва дастгирии якдигарӣ асос ёфтааст, минбаъд низ ба нафъи мардумони ба ҳам наздики мо рушд хоҳад кард.

Бо истифода аз ин фурсат ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар татбиқи ҳамаи иқдомҳоятон ба хотири ояндаи дурахшон ва шукуфоии Тоҷикистон комёбиҳо, ба мардуми кишвари Шумо саодату некрӯзӣ орзу менамоям.

Бигзор Наврӯз ба ҳар як хонадон файзу баракат ва шукуфоӣ биоварад!».

**Нурсултон Назарбоев, Президенти якуми Ҷумҳурии Қазоқистон зимни номаи шодбошиаш чунин менигорад:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Шуморо бо ҷашни Наврӯз – тантанаи бузурги табиати баҳорӣ муборакбод мегӯям.

Бигузор сулҳу ризоияти Наврӯзи фархунда ба кишварҳои ба ҳам дӯсти мо ҳадяи саховатмандона намуда, ба онҳо шодию фараҳ бахшад.



Изҳори боварӣ менамоям, ки дар партави ин иди умумиамон ҳамкории давлатҳои мо, ки бар пояи арзишҳои маънавӣ ва робитаҳои дӯстӣ устувор шудаанд, минбаъд низ идома хоҳанд ёфт.

Дар ин лаҳзаҳои наҷиб ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саломатии бардавом ва бахту иқболи фаровон, ба мардуми дӯсти Тоҷикистон зиндагии осоишта ва шукуфоӣ орзумандам».

**Дар номаи шодбошии Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов чунин омадааст:**



**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Шарафмандам, ки ба Шумо ва тамоми мардуми бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон табрикоти самимӣ ва таманниёти беҳтаринро ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз ирсол намоям.

Наврӯз ҳамчун паёмвари эҳёи табиат, таҷдид ва созандагӣ дар худ чунин арзишҳои умумибашарӣ, ба мисли сулҳпарварӣ, инсондӯстӣ ва ҳусни ҳамҷавориро таҷассум намудааст. Ин ҷашн, ки дастоварди умумии мост, барои бо ҳам наздик шудани мардумон нақши муҳим дошта, ба таҳкими муносибатҳои боэътимоди байнидавлатӣ мусоидат менамояд.

Бигузор, ин ҷашни мунаввар барои Шумо ва тамоми мардуми кишвари Шумо шодию сурур ва хушбахтиву некуаҳволӣ оварад».

**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев дар номаи шодбошиаш гуфтааст:**



**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Аз номи худ ва мардуми Озарбойҷон Шумо ва мардуми Тоҷикистонро ба муносибати фарорасии иди Наврӯз сидқан табрик менамоям.

Ин ҷашн ҳамчун ифодаи эҳтиром ба низоми абадии табиат, таҷассумгари саҳми арзишманди мардумони мо ба фарҳанги башарӣ мебошад. Он ба сифати рамзи бедорӣ, таровват ва зебоӣ, ба қалби одамон роҳ ёфта, ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва ягонагиро бо ҳама зебоияшон тараннум менамояд.

Бовар дорам, ки бо такя ба иродаи мардумонамон мо минбаъд низ барои ҳифзу таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории Озарбойҷону Тоҷикистон саъю талоши муштарак ба харҷ хоҳем дод.

Ба Шумо саломатии бардавом, хушбахтиву комёбиҳо, ба мардуми дӯсти Тоҷикистон рифоҳӣ ва шукуфоии абадӣ таманно дорам».

**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров зимни номаи шодбошиаш овардааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Аз номи мардуми Қирғизистон ва шахсан аз номи худам Шумо ва тамоми мардуми Тоҷикистонро ба муносибати иди Наврӯз муборакбод мегӯям.



Ин ҷашн, ки мардумонамон таҷлил менамоянд, рамзи фарорасии баҳори деринтизор ва бедории табиат аст. Наврӯз, ки дар монандии одату арзишҳои фарҳангии мо зоҳир мегардад, таърихи умумии мардумони моро инъикос менамояд.

Бовар дорам, ки муносибатҳои байни ҳар ду кишвар дар рӯҳияи эътимоди мутақобила, дӯстӣ ва некуҳамсоягӣ таҳкиму таъмиқ хоҳанд ёфт.

Ба Шумо саломатии бардавом, беҳбудӣ ва муваффақият, ба мардуми Тоҷикистон сулҳу шукуфоӣ орзу менамоям».

**Дар номаи шодбошии Ходими Ҳарамайни Шарифайн Подшоҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд чунин омадааст:**



**«Бародари азиз, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон!**

**Худо ҳифзашон кунад!**

**Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.**

Бо камоли фараҳмандӣ Ҷаноби Олиро ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрику таҳният гуфта, барои Ҷаноби Олӣ беҳтарин таманниёти саломатию саодатмандӣ ва барои ҳукумат ва мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистони бародар пешравию шукуфоии пайвастаро тақдим менамоям».

**Дар номаи шодбошии Валиаҳд, Раиси Шӯрои вазирони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Муҳаммад ибни Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд чунин омадааст:**

**«Бародари азиз,**
**Ҷаноби Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон!**

**Худо ҳифзашон кунад!**



**Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.**

Бо камоли фараҳмандӣ Ҷаноби Олиро ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрику таҳният гуфта, барои Ҷаноби Олӣ беҳтарин таманниёти саломатию саодатмандӣ ва барои ҳукумат ва мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистони бародар пешравию шукуфоии пайвастаро тақдим менамоям».

**Дар номаи шодбошии Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден омадааст:**



**«Муҳтарам**
**Ҷаноби Президент!**

Ман аз номи мардуми Амрико ба Шумо ва мардуми Тоҷикистон Наврӯзро муборакбод гуфта, ба ҳамагон саломатии бардавом ва сулҳу суботро таманно мекунам.

Тайи як соли охир Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико якҷоя дар роҳи расидан ба ҳадафи муштарак - минтақаи амнтар ва шукуфонтар ба пеш рафтанд.

Дар ин мавсими мулоҳиза ва таҷдид Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бори дигар садоқати худро ба мардуми Тоҷикистон ва таъмиқи минбаъдаи шарикӣ баҳри нигоҳдории амнияти мардуми ҳар ду кишвар тасдиқ мекунад.

Ман умед дорам, ки дар соли оянда шарикии байни кишварҳоямон ва дӯстии байни халқҳоямон бар асоси талошҳои мо барои ояндаи осоишта ва шукуфони ҳама боз ҳам амиқтар хоҳанд гардид.

Наврӯз муборак бошад!».

**Дар номаи шодбошии Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Чжан Мин чунин навишта шудааст:**



**«Муҳтарам ҷаноби Президент!**

Аз самими қалб Шуморо ба муносибати Ҷашни байналмилалии Наврӯз, ки баёнгари фаровонӣ ва баракот буда, аз замонҳои қадим анъанаҳои наҷиб ва арзишҳои олии маънавиро дар худ нигоҳ медорад, табрик менамоям.

Ин ҷашн, ки рамзи саъю талош баҳри сулҳ, созгорӣ бо табиат, ҳамдигарфаҳмӣ миёни мардумон мебошад, мероси муҳими ғайримоддии фарҳангии инсоният гардидааст.

Навруз дар нигоҳ доштани гуногунии фарҳангӣ ва таҳкими муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни мардумон ва кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай нақши назаррас дорад.

Боиси хушнудист, ки ин ҷашн ба туфайли иштироки фаъоли Тоҷикистон ва дигар давлатҳои аъзои СҲШ дар қабули Қатъномаи Маҷмаи умумии СММ оид ба Рӯзи байналмилалии Наврӯз мақом ва аҳамияти байналмилалӣ пайдо кардааст.

Бо истифода аз фурсати муносиб мехостам ба Шумо барои таваҷҷуҳи пайвастаи олиатон ба фаъолияти СҲШ ва дастгирии он, ҳамчунин ба тавсеаи ҳамкории амалӣ дар чорчӯбаи СҲШ, баланд бардоштани нақши он ба сифати яке аз иштирокдорони бонуфузи муносибатҳои муосири байналмилалӣ изҳори миннатдорӣ намоям.

Лутфан иҷозат диҳед, ки дар ин рӯзҳои зебои баҳорӣ ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саломатии комил, дар фаъолиятатон дар ин маснади сермасъул неруи беандоза, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми бародари он сулҳу некуаҳволӣ орзу намоям».

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган чунин навишта шудааст:**

**«Муҳтарам Президент, бародари азизам!**



Муждаи баҳор - Ҷашни байналмилалии Наврӯз анъанаю боигарии муштараки ҷуғрофияи васеъ, аз Осиёи Марказӣ то Балканҳо мебошад. Бо мақсади нигоҳдорӣ ва ба наслҳои оянда расонидани ин урфу одати муштаракамон, ҳамасола дар чор гӯшаи ҷаҳон ҷашн гирифта шудани Наврӯз инъикосгари муҳими дӯстиву бародариамон гардидааст.

Наврӯз, ки ифодаи бедоршавию зиндашавии табиат мебошад, на танҳо достони омадани баҳор, балки ҳамчунин эҳёву иқдомоти навин аст.

Ҳамдилию ҳамраъйии Шумо бо Туркия, ки дар робита бо заминларзаи 6-уми феврали соли 2023 зоҳир намудед, дар баробари боз ҳам наздиктар гардонидани кишварҳои мо, ҳамзамон як имкони дигареро барои мушоҳидаи ҳамеша зинда будани рӯҳияи Наврӯзро дар байни мардумонамон фароҳам овард.

Бо василаи иди Наврӯз, ки яке аз зеботарин нишонаҳои ваҳдату ҳамбастагии тамаддунҳои чандҳазорсолаи мост, ба Шумо, Ҷаноби Олӣ ва ба мардуми дӯсту бародари Тоҷикистон тансиҳатӣ, хушрӯзӣ ва саодатмандиро таманно менамоям».

**www.president.tj**

# ОБ МАНБАИ БАРҚАРОРИИ ҲАЁТ ВА РАМЗИ ПОКИЗАГИВУ ОБОДИСТ

## Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии «Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар» дар доираи Конфронси оби СММ - 2023

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 21-уми марти соли 2023**

**Аълоҳазрат Вилям Александр, Шоҳи Нидерландия!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар рӯзҳои таҷлили Наврӯз, мехостам ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни зебои баҳор - Наврӯзи байналмилалӣ табрик намоям.

Ин ҷашни бостонӣ, ба шарофати шомил гардидан ба Рӯйхати мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО, аз соли 2010 бар асоси қарори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил мегардад.

Наврӯз яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумӣ буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад.

Таҷлили ин ҷашн аз замонҳои қадимтарин то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳастиву ҳувияти тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи он ба ҳисоб меравад.

Наврӯз айёми тавозуни рӯзу шаб буда, баробари эҳёи куллии табиат ба инсон рӯҳу равони тоза мебахшад, ӯро ба рӯзи неку рӯзгори обод ва пешрафту созандагӣ ҳидоят мекунад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Бино ба таълимоти Авасто, дар айёми Наврӯз эҳёи ҳаёт ва табиат дар шаш унсур, яъне осмон, замин, об, наботот, ҳайвонот ва инсон зоҳир мегардад. Аз ҷумлаи онҳо, хусусан об – манбаи барқарории ҳаёт ва идомаи он, рамзи покизагиву ободӣ, файзу баракат ва саодату нишот мебошад.

Аз ин сабаб, одамон дар замонҳои қадим дар арафа ва рӯзҳои Наврӯз ҷӯю наҳрҳоро тоза мекарданд, обҳоро меполиданд ва дар зарфҳои азим оби ошомиданӣ захира намуда, мутобиқ ба захираҳои об нақшаҳои кишоварзӣ ва дигар корҳои хоҷагидориро тарҳрезӣ менамуданд.

Басо рамзист, ки аз соли 1993 ба ин сӯ дар рӯзи дуюми Наврӯз, яъне 22-юми март, ҷомеаи байналмилалӣ «Рӯзи ҷаҳонии об»-ро таҷлил менамояд.

Дар ин рӯз Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳи сокинони сайёраро ба яке аз мушкилоти асосӣ ва глобалии замони мо - норасоии оби ошомиданӣ ҷалб месозад.

Дар зимн аз ҷомеаи ҷаҳонӣ




ҷиҳати андешидани тадбирҳои муассир барои таъмин намудани аҳолӣ бо об ва беҳдошти ҷомеа даъват сурат мегирад.

Қобили таъкид аст, ки ин мушкилот имрӯз ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯзномаи ҷаҳонии рушд табдил ёфтааст.

Маҳз бо дарназардошти ин ҳолат, дар санадҳои сатҳи ҷаҳонӣ, ки солҳои охир қабул гардидаанд, маҷмӯи масоили марбут ба об ҷойгоҳи хосса дорад.

Норасоии об барои рушди кишварҳо ва халқҳо дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла ҳифзи саломатӣ, амнияти озуқаворӣ, баробарии гендерӣ, муҳайё сохтани ҷойҳои корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ, маориф, саноат, иқдомҳои сулҳофарӣ ва амсоли инҳо, мушкил эҷод менамояд.

Мо қарорҳои Созмони Милали Муттаҳидро дар заминаи пешниҳод ва ибтикороти Тоҷикистон оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт» ва солҳои 2018 - 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» дар раванди ҳалли ин мушкилот бисёр муҳим медонем.

Бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам бори дигар ба ҳамаи давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид барои ҷонибдории пешниҳоди кишвари мо ҷиҳати «Соли ҳифзи пиряххо» эълон намудани соли 2025, ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» муқаррар намудани санаи 21-уми март ва таъсиси Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряххо изҳори сипос намоям.

Конфронси байналмилалии соли 2025, ки дар заминаи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба мавзӯи ҳифзи пиряххо дар Душанбе доир мегардад, дар раванди пешбурди масъалаҳои зикршуда нақши босазо хоҳад гузошт.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Итминон дорам, ки кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид дар заминаи анъанаҳои созанда ва арзишҳои безаволи Наврӯз бо неруи тоза ва нақшаҳои созанда дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об – барои рушди устувор» ва дигар ҳадафҳои глобалии вобаста ба об саъю кӯшиш ба харҷ дода, ҳамкориро ба хотири истифодаи оқилонаи захираҳои об, дигар сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист густариш хоҳанд бахшид.

**Наврӯз муборак!**

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# МУТТАҲИДСОЗИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ БАРОИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА ОБ АҲАМИЯТИ ДУЧАНД КАСБ КАРДААСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии канории корӣ «Об моро муттаҳид месозад»**

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 21-уми марти соли 2023**



**Аълоҳазрат Вилям Александр, Шоҳи Нидерландия!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҳамаи шуморо ба чорабинии имрӯзаи мо зери унвони «Об моро муттаҳид месозад» хайра мақдам мегӯям.

Имрӯз масъалаи муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба об аҳамияти дучанд касб кардааст.

Об ҳамчун манбаи асосии ҳаёт бо таъсири тағйирёбии иқлим, афзоиши босуръати аҳолӣ, васеъшавии шаҳрҳо ва дигар омилҳои ба он таъсиррасон зери фишори амиқ қарор дорад.

Барои тағйир додани ин тамоюл андешидани тадбирҳои таъхирнопазир дар ҳамаи сатҳҳо зарур мебошад. Дар акси ҳол, саломатии мову шумо, пойдории муҳити зист, дастрасӣ ба ғизои солим, манбаъҳои табиӣ ва дар ниҳояти кор, расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор зери хатар боқӣ мемонад.

Маҳз ба ҳамин хотир, кишвари мо тайи ду даҳсолаи охир масъалаҳои марбут ба об ва иқлимро бомаром пеш бурда, дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд нақши муассир бозида истодааст.

Дар ин давра бо ташаббуси Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид доир ба ин мавзӯъ нуҳ қатънома қабул кард, ки ҳадафи онҳо ба муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷудаи вобаста ба об ва суръат бахшидан ба амалҳо дар ин ҷода нигаронида шудааст.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Об дарвоқеъ неруи созанда дорад. Ҳамкорӣ дар соҳаи об тайи даҳсолаҳои охир боиси он гардид, ки кишварҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ, рушди иқтисодӣ ва фарҳангу забон гуногун ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои марбут ба об кӯшишҳои муштарак ба харҷ диҳанд.

Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерландия дар як муддати нисбатан кӯтоҳ барои пешбурди масъалаҳои вобаста ба обу иқлим корҳои зиёдеро анҷом доданд.

Иштироки фаъоли ҳар ду кишвар дар Панели сатҳи баланд оид ба об, Эътилофи обу иқлим ва Раванди оби Душанбе дар баробари дигар платформаҳои ҷаҳонӣ гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад.

Имрӯз мо мизбонии ҳамоиши бузурги таърихӣ – Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»-ро ба уҳда дорем.

Мо ин шарикиро ҳамчун намунаи ҳамкориву ҳамдилӣ, хусусан миёни кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ, болооб ва поёноб арзёбӣ мекунем.

Мехоҳам бо истифода аз фурсат ба Аълоҳазрат Вилям Александр ва Ҳукумати Подшоҳии Нидерландия барои ҳамкории судманд дар ин раванд изҳори миннатдорӣ намоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Фардо конфронс ба кори худ шурӯъ мекунад. Интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин чорабинӣ зиёданд.

Албатта, бо баргузор гардидани Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид мушкилоти мо дар ин самт якбора аз байн нахоҳанд рафт.

Дар баробари ин, эътимоди комил дорам, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пешбурди мавзӯи ҷаҳонии об тавассути ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамдигар бо истифода аз механизмҳои мавҷуда ҷиҳати ҳалли мушкилоти об дар ҳама кишварҳо талошҳои муштарак ба харҷ хоҳад дод.

Ҳамчунин, бовар дорам, ки бо ибрози иродаи қавии сиёсӣ, қабули уҳдадориҳо ва роҳандозии амалҳои муассир аз ҷониби ҳамаи мо, яъне кишварҳои узв ва низоми Созмони Милали Муттаҳид, ниҳодҳои молиявӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҳама тарафҳои манфиатдор барои татбиқи рӯзномаи амал дар соҳаи об метавонем ба ҳадафҳои аслии конфронс ноил гардем.

Итминони комил дорам, ки ҳамаи мо бо истифода аз ин фурсат, бо такя ба неруи муттаҳидкунандаи об, барои дастёбӣ ба натиҷаҳои муассири ин ҳамоиши таърихӣ саҳми муносиби худро мегузорем.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ НЮ-ЙОРКИ ИМА

**(Идома аз саҳ. 1 ва 3)**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: «Мо қарорҳои Созмони Милали Муттаҳидро дар заминаи пешниҳод ва ибтикороти Тоҷикистон оид ба эълон кардани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2013 - «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт» солҳои 2005 - 2015, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор солҳои 2018 - 2028», соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», Рӯзи ҷаҳонии пиряххо муқаррар намудани санаи 21-уми март ва таъсиси Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряххоро дар раванди ҳалли ин мушкилот бисёр муҳим медонем».

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар заминаи анъанаҳои созанда ва арзишҳои безаволи Наврӯз бо неруи тоза ва нақшаҳои созанда дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» ва дигар ҳадафҳои глобалии вобаста ба об саъю кӯшиш ба харҷ дода, ҳамкориро ба хотири истифодаи оқилонаи захираҳои об, дигар сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист густариш хоҳанд бахшид.

Пас аз анҷоми суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии «Об ва Наврӯз - ду сарчашмаи ҳаёти башар» барномаи консертии идонаи наврӯзии устодони санъат ва ҳунармандони тоҷик баргузор гардид.

**21-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид - 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар чорабинии канории корӣ зери унвони «Об моро муттаҳид месозад» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар чорабинӣ ҳамчунин, Подшоҳи Нидерланд, Президенти Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид, Президенти Ироқ, Президенти Ботсвана, Президенти Либерия, Президенти Словения, Сарвазири Тувалу, Сарвазири Намибия, Сарвазири Мали, инчунин роҳбарони ҳайатҳои расмии кишварҳои аъзои СММ ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ иштирок намуданд.

Намояндаи Дафтари СММ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Лотта Таҳтинен чорабиниро оғоз карда, суханро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамраиси Конфронси оби СММ, Подшоҳи Нидерланд муҳтарам Виллем Александр дод.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки имрӯз масъалаи муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба об аҳамияти дучанд касб кардааст.

Об ҳамчун манбаи асосии ҳаёт бо таъсири тағйирёбии иқлим, афзоиши босуръати аҳолӣ, васеъшавии шаҳрҳо ва дигар омилҳои ба он таъсиррасон зери фишори амиқ қарор дорад.

Барои тағйир додани ин тамоюл андешидани тадбирҳои таъхирнопазир дар ҳамаи сатҳҳо зарур мебошад.

Таъкид гардид, ки маҳз ба ҳамин хотир, Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир масъалаҳои марбут ба об ва иқлимро бомаром пеш бурда, дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд нақши муассир бозида истодааст.

Ҳамкорӣ дар соҳаи об тайи даҳсолаҳои охир боиси он гардид, ки кишварҳои аз лиҳози ҷуғрофӣ, рушди иқтисодӣ ва фарҳангу забон гуногун ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои марбут ба об кӯшишҳои муштарак ба харҷ диҳанд.



Бояд гуфт, ки Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд дар як муддати кӯтоҳ барои пешбурди масъалаҳои вобаста ба обу иқлим корҳои зиёдро анҷом доданд.

Сарвари давлат изҳор доштанд, ки мо ин шарикиро ҳамчун намунаи ҳамкориву ҳамдилӣ, хусусан миёни кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ, болооб ва поёноб арзёбӣ мекунем.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Подшоҳии Нидерланд барои ҳамкории судманд дар ин раванд изҳори миннатдорӣ карданд.

Дар охир Роҳбари мамлакат бо итминон изҳор доштанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пешбурди мавзӯи ҷаҳонии об тавассути ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамдигар бо истифода аз механизмҳои мавҷуда ҷиҳати ҳалли мушкилоти об дар ҳама кишварҳо талошҳои муштарак ба харҷ хоҳад дод.

**22-юми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар конфронс Подшоҳи Нидерланд, сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Ботсвана, Боливия, Ироқ, Словения, Либерия, раиси Шӯрои Босния ва Ҳерсеговина, Тувалу, Намибия, муовинони сарвазирони Барбадос, Куба, Конго, Монтенегро, Эфиопия, Ветнам, ҳайатҳои расмии кишварҳои узви СММ, аз ҷумла 110 ҳайат бо роҳбарии вазирон, инчунин роҳбарон ва намояндагони зиёда аз 100 созмони минтақавию байналмилалӣ бо шумули президенти Бонки ҷаҳонӣ, иштирок карданд.

Мавриди зикр аст, ки конфронси мазкур ҳамоиши таърихӣ ба шумор меравад, чунки он баъд аз Конфронси якуми СММ оид ба масъалаҳои об дар соли 1977 дар Аргентина бори дуюм доир мегардад.

Боиси ифтихор аст, ки Конфронси таърихиро Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд омода карда, онро мизбонӣ менамоянд.

Қабл аз оғози кори Конфронси оби СММ-2023 оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар иҷрои мутрибони Тоҷикистону Нидерланд таҳти унвони «Об» мусиқии зинда садо дод.

Навори видеоӣ аз якчанд минтақаи дунё оид ба мушкилӣ ва имкониятҳои марбут ба об ва захираҳои об манзури иштирокчиёни конфронс шуд.

Даҳ рамзи марбут ба масъалаҳои об аз ҷониби даҳ намояндаи минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба СММ тақдим ва рӯйи саҳна болои сутунҳои бо ҳам тавассути камарбандҳо пайваст, гузошта шуданд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Подшоҳи Нидерланд муҳтарам Виллем Александр ба саҳна даъват карда шуданд ва онҳо сутунҳои 5 ва 6-ро ба ҳам пайваст намуданд. Дар болои камарбанд матни кӯтоҳ оид ба аҳамияти об дарҷ гардидааст.

Сарони давлатҳои Тоҷикистону Нидерланд ҷойҳои худро дар толор ишғол намуда, конфронсро бо сухани муқаддимавӣ Дабири кулли СММ Антонио Гутерриш ифтитоҳ кард.

Дабири кулли СММ ба ҳайси раиси муваққатии Конфронси оби СММ роҳбарони ҳайатҳои Тоҷикистону Нидерландро ба ҳайси раисони конфронс таъин карда, онҳоро барои ишғоли макони худ ба минбари асосии Маҷмаи умумии СММ даъват намуданд.

Ҳамраисони конфронс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Подшоҳи Нидерланд Виллем Александр ва муовини Дабири кулли СММ оид ба масъалаҳои ташрифотӣ дар минбари асосии Маҷмаи умумии СММ ҷойҳои худро ишғол намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори конфронсро расман кушода эълон намуда, дар назди ҳозирин суханронӣ карданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокчиёни чорабинии сатҳи баландро бо Рӯзи ҷаҳонии об ва Ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрику таҳният гуфтанд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон тайи зиёда аз ду даҳсола масъалаҳои марбут ба обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш мебарад. Бо ибтикори ҷониби Тоҷикистон Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об нуҳ қатънома қабул намудааст ва татбиқи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои глобалии ҳамоҳангшуда дар соҳаи об заминаи сазовор мегузоранд.

**(Давомаш дар саҳ. 6)**

# ЗАХИРАҲОИ ОБ ЗЕРИ ТАЪСИРИ АМИҚУ ТАҲДИДИ ХАТАРҲОИ ГУНОГУН ҚАРОР ДОРАНД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»**

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 22-юми марти соли 2023**

**Муҳтарам сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳайатҳо!**

**Муҳтарам Дабири кулл!**

**Муҳтарам Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Шуморо дар ин ҳамоиши муҳими таърихӣ шодбош гуфта, сипоси амиқи худро ҷиҳати иштироки фаъолатон дар раванди омодагии он иброз менамоям.

Басо рамзист, ки ҳамоиши мазкур ба Рӯзи ҷаҳонии об ва Ҷашни байналмилалии Наврӯз рост меояд. Ҳамаи шуморо ба ин муносибат сидқан табрик мегӯям.

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон тайи зиёда аз ду даҳсола масъалаҳои марбут ба обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш мебарад.

Бо ибтикори ҷониби мо Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об нуҳ қатънома қабул намудааст ва татбиқи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои глобалии ҳамоҳангшуда дар соҳаи об заминаи сазовор гузоштанд.

Албатта, дар пешбурди чунин ҳадафҳои глобалӣ давлатҳои узв ва ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла аъзои Гурӯҳи дӯстони об нақши муҳим мебозанд.

Бо истифода аз фурсат, мехостам ба ҳамаи онҳо барои талошҳои пайваста ва фаъолашон дар ин самт изҳори миннатдорӣ намоям.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Чуноне медонед, имрӯз захираҳои об зери таъсири амиқи таҳдиду хатарҳои гуногун қарор доранд, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум, бахусус ба амнияти озуқаворӣ, тавлиди «неруи сабз» ва пойдории табиат, бетаъсир намемонад.

Дар ин радиф тағйирёбии иқлим низ ҳамчун омили таъсиррасон ба захираҳои оби ошомиданӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи мо қарор дорад.

Обшавии босуръати пиряххо, чӣ дар Арктикаву Антарктида ва чӣ дар қитъаҳои континенталии сайёра, намунаи возеҳи ин зуҳурот мебошад. Аз тарафи дигар, афзоиши босуръати шумораи аҳолии ҷаҳон ба зиёдшавии талабот ба об оварда мерасонад.

Ин ду омил боиси он гардид, ки дар панҷ даҳсолаи охир нишондиҳандаҳои таъмини об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон қариб дуюним баробар ва дар минтақаҳои алоҳидаи олам, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, зиёда аз чор баробар паст шудааст.

Гузашта аз ин, тағйирёбии иқлим сабаби афзоиши бесобиқаи офатҳои табиии марбут ба об гардида истодааст.

Ҳамаи мо соли гузашта ва зимистони соли ҷорӣ шоҳиди хушксоливу обхезиҳои бесобиқае будем, ки бо миқёси бузург ва фарогирии ҷуғрофӣ бори дигар ҳамбастагии зичи обу иқлимро собит намуданд.

Тоҷикистон низ ҳамасола аз офатҳои табиии марбут ба об хисороти зиёди молию ҷонӣ мебинад. Ин ҳолат ба талошҳои мо барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор монеаи ҷиддӣ эҷод менамоянд.

То ҳанӯз ду миллиард нафар аҳолии сайёра ба оби ошомидании бехатар ва зиёда аз сеюним миллиард ба шароити нисбатан хуби беҳдоштӣ дастрасӣ надоранд.

Ҳар сол қариб ним миллион одам аз бемориҳои сироятии марбут ба об ба ҳалокат мерасад.

Мутаассифона, ин ва дигар далелу рақамҳо аз нокифоя будани амалҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда дарак медиҳанд.

Маҳз ба ин хотир, дар раванди омодагӣ ба конфронс мо бо Подшоҳии Нидерланд ва шариконамон аз Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳи асосиро ба гирифтани уҳдадориҳо ҷиҳати суръатбахшӣ ба амалҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди марбут ба об равона намудем.

Вобаста ба ин, дар доираи Конфронси дуюми Душанбе оид ба даҳсолаи об, ки дар раванди омодагӣ ба конфронси имрӯза нақши калидӣ дошт, мо рӯзномаи амали обро муаррифӣ кардем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мо ба талошҳои ҳамгироёна дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла зимни татбиқи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», ки бо ташаббуси Тоҷикистон моҳи декабри соли гузашта аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардид, идома хоҳем бахшид.

Дар ин замина, соли 2025 мо Конфронси байналмилалии сатҳи баландро дар мавзӯи ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе баргузор мекунем.

Тоҷикистон, ки дар ҳудудаш шаст фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул мeёбад, дар доираи раёсати кишвар дар Фонди байналмилалии наҷоти Арал, талошҳои худро барои боз ҳам густариш додани ҳамкориҳо дар Осиёи Марказӣ дар соҳаи об тақвият хоҳад бахшид.

Дар сатҳи миллӣ мо имкониятҳои худро ба он равона месозем, ки то соли 2025 ислоҳоти соҳаи оби кишварро пурра амалӣ намуда, мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои обро ба таври комил ба роҳ монем.

Мо «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об»-ро тибқи талабот ва стандартҳои имрӯза таҳия менамоем. Ҷиҳати дастрасии пурраи аҳолии кишвар бо оби босифати ошомиданӣ ва шароити беҳдошт то соли 2030 барномаи миллии ҳадафнок таҳия мегардад, ки дар доираи он мо тасмим гирифтем ҳаҷми маблағгузориро зина ба зина ду баробар зиёд намоем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад ва ин дар ҳолест, ки мо ҳамагӣ панҷ фоизи зарфиятҳои гидроэнергетикии кишварамонро аз худ кардаем.

Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки иқтидори неругоҳҳои барқи обии худро то соли 2050 ду баробар афзоиш дода, дар рушди «иқтисоди сабз» саҳми муносиб гузорем.

Қобили зикр аст, ки ҳоло Тоҷикистон аз рӯи ҳиссаи истеҳсоли неруи барқ аз захираҳои барқароршавандаи обӣ, яъне тавлиди «энергияи сабз», дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Конфронси имрӯза бояд бештар аз лиҳози мусоидат ба дарки дурусти таҳдидҳо ва мушкилоти соҳа, инчунин, дарёфти ҳалли роҳҳои муассир ва самарабахш дар таърих сабт гардад.

Дар ин ҷода кӯшишҳои муштарак бояд ба натиҷагириҳои мушаххас ва пайгирии минбаъдаи созишҳои бадастомада равона карда шаванд, то интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд ба таври шоиста амалӣ гарданд.

Бо дарназардошти ин ва ба мақсади назорати пайвастаи раванди амалӣ гардонидани уҳдадориҳои гирифташуда, пешниҳод менамоям, ки Конфронси навбатии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об дар ҷамъбасти «Даҳсолаи байналмилалии амали об соли 2028» дар Тоҷикистон баргузор карда шавад.

Ҷиҳати иҷрои амалу уҳдадориҳои мазкур, бахусус татбиқи Рӯзномаи амали об мо пешниҳод менамоем, ки Раванди оби Душанбе ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад.

Итминони комил дорам, ки талошҳои дастҷамъона ва уҳдадориву амалҳои нави мо дар доираи ин конфронс ва татбиқи натиҷаҳои он самараи дилхоҳ хоҳанд дод.

**Дӯстони арҷманд!**

Об сарчашмаи асосии ҳаёт маҳсуб меёбад. Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои бузурги оби ошомиданӣ мебошад.

Мо як миқдор обро аз кӯли Сарез, ки дар кӯҳсори Тоҷикистон, дар баландии 3500 метр воқеъ мебошад, бо худ овардем.

Сарез, воқеан, чун намунаи нодири захираҳои оби поку мусаффо, ки аз пиряххо ва қуллаҳои барфпӯши Ватани мо сарчашма мегирад, метавонад солҳои тӯлонӣ мардуми минтақаи Осиёи Марказиро бо оби ошомидании босифат таъмин намояд.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Гутерриш ва шояд баъзе аз ҳозирини гиромӣ зимни сафар ба Тоҷикистон аз ин кӯл ва пиряххои мо дидан кардаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки зери таъсири тағйирёбии иқлим ва дигар равандҳои глобалӣ сарчашмаҳои оби ошомиданӣ сол аз сол коҳиш меёбанд. Барои мисол аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи охир ҳазортояш пурра аз байн рафтааст.

Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки барои ҳифз ва самаранок истифода бурдани ҳамаи сарчашмаҳои оби ошомиданӣ барномаҳои мушаххаси миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Пайгирии ин иқдом, албатта, бо уҳдадориҳои мо дар татбиқи Рӯзномаи ҷаҳонии иқлим ҳамоҳанг буда, ҳамкориҳои судмандро бо тамоми шарикон тақозо менамояд.

Дар зимн бояд механизмҳои боэътимоди муосир барои таъмини об ва мудирияти самараноки масъалаҳои марбут ба об таҳия ва роҳандозӣ гарданд.

Умед дорам, ки бо саъю талошҳои муштарак мо ба ҳадафҳои мувофиқашудаи байналмилалии марбут ба об ноил хоҳем шуд.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам ва барои натиҷабахш анҷом додани ҳамоиши имрӯзаамон барори кор мехоҳам!

**Ташаккур!**



# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ НЮ-ЙОРКИ ИМА

**(Идома аз саҳ. 1, 3 ва 5)**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба вазъи мураккабу печидаи ҷаҳони имрӯза, мушкилоти марбут ба об, тағйирёбии иқлим, таъсири офатҳои табиӣ ба иқтисодиёту амнияти кишварҳо, иқдомҳои Тоҷикистон дар самти рушди «иқтисоди сабз» ва тавлиди «энергияи сабз» андешаронӣ карда, таъкид доштанд, ки имрӯз захираҳои об зери таъсири амиқи таҳдиду хатарҳои гуногун қарор доранд, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум, бахусус ба амнияти озуқаворӣ, тавлиди «неруи сабз» ва пойдории табиат, бетаъсир намемонад.

Таъкид гардид, ки маҳз ба ин хотир, дар раванди омодагӣ ба конфронс Тоҷикистон бо Подшоҳии Нидерланд ва шарикон аз Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳи асосиро ба гирифтани уҳдадориҳо ҷиҳати суръатбахшӣ ба амалҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди марбут ба об равона намудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки мо ба талошҳои ҳамгироёна дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла зимни татбиқи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», ки бо ташаббуси Тоҷикистон моҳи декабри соли гузашта аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардид, идома хоҳем бахшид.

Дар ин замина, соли 2025 Тоҷикистон Конфронси байналмилалии сатҳи баландро дар мавзӯи ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе баргузор менамояд.

Зимни суханронӣ дар Конфронси оби СММ - 2023 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба аҳамияту афзалияти таҳия ва қабули як қатор санаду барномаҳо, аз қабили «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об» ва «Барномаи миллии ҳадафнок дар соҳаи об» андешаҳои ҷолиб баён доштанд.

Пешниҳод карда шуд, ки ҷиҳати иҷрои амалу уҳдадориҳо дар самти ҳалли мушкилоти марбут ба об, бахусус татбиқи «Рӯзномаи амали об» Раванди оби Душанбе ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад.

Дар охир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки талошҳои дастаҷамъона ва уҳдадориву амалҳои нави кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид ва татбиқи натиҷаҳои он самараи дилхоҳ хоҳанд дод.

Баъд аз суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Подшоҳи Нидерланд Виллем Александр, Дабири кулли СММ Антонио Гутерриш, Раиси Маҷмаи умумии СММ Чаба Корошӣ ва Раиси Комиссияи иқтисодию иҷтимоии СММ Лучезара Стоеваро ба минбар даъват намуданд.

Ҷаласаи пленарии Конфронси об таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир гардид, дар он як қатор роҳбарони олимақоми кишварҳои узви СММ баромад намуданд.

Дар ҷаласаи пленарӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раиси Конфронси оби СММ ба Президенти Боливия Луис Аберто Арсе, Президенти Ироқ Абдул Латиф Рашид, Раиси Шӯрои Босния ва Герсоговина Зелика Свянович, Президенти Ботсвана Масиси Мокгвейтсӣ ва Президенти Словения Наташа Пирс-Мусар сухан доданд.

Ҳамаи баромадкунандагон ба натиҷаи раисии Тоҷикистону Нидерланд дар Конфронси оби СММ - 2023 оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», сатҳи баланди тадорукотии чорабинии таърихии оби СММ, ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои обу иқлим ва ба пешсафии Тоҷикистон дар раванди оби СММ баҳои баланд доданд.

**22-юми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар чорабинии канорӣ «Табдили институтҳои иқтисодии глобалӣ ба манфиати умум: Даъват барои бедоршавӣ аз ҷониби Комиссияи глобалӣ оид ба иқтисодиёти об», ки аз ҷониби ҳамраиси конфронс – Подшоҳии Нидерланд баргузор гардида буд, иштирок карданд.**

Иштирокчиён саривақтӣ будани чорабиниро таъкид намуда, изҳор доштанд, ки вобаста ба вазъи мураккаби захираҳои об зарурати суръатбахшии амалҳо ва тағйир додани муносибат ба ин захираҳои бебаҳо пеш омадааст.

Таъкид шуд, ки захираҳои об дар рушди иқтисоди кишварҳо нақши назаррас доранд ва тавассути он дар соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла обёрии кишоварзӣ, гидроэнергетика, саноат, сайёҳӣ ва дигар соҳаҳо, даҳҳо ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуда, ба шуғли аҳолӣ мусоидат карда мешавад.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки 98 фоизи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути манбаъҳои барқароршаванда истеҳсол гардида, Тоҷикистон дар рушди «энергияи сабз»-и минтақа нақши муассир мегузорад. Дар баробари омилҳои манфиатбор офатҳои табиии марбут ба рушди иқтисодиёт таъсири ногувор мерасонад. Ба таъкиди коршиносон, 70 фоизи ҳолатҳои фавқулода ва 80 фоизи талафоти иқтисодӣ ба омилҳои монанд ба офатҳои табиии марбут ба об иртибот дорад. Дар солҳои гуногун зарар аз офатҳои табиии марбут ба об 8 - 9 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад, ки чунин ҳолат на танҳо хоси Тоҷикистон балки хоси дигар давлатҳо, хусусан давлатҳои рӯ ба рушд, мебошад.

Дар чорабинӣ сиёсигардонии масъалаи об ҳамчун мавзӯи муҳим таъкид гардид ва бо назардошти он такмили сиёсат ва тарҳрезии стратегияву барномаҳои рушд тадбири муассир арзёбӣ шуд.

Изҳори боварӣ шуд, ки натиҷаҳои конференсияи имрӯза доир ба масъалаҳои об ба дарки амиқи муҳимияти об ва идораи оқилонаи он мусоидат менамояд.

Иштирокчиёни чорабинӣ муҳимияти ҷалби таваҷҷуҳи махсусро ба маҷмӯи масъалаҳои марбут ба об таъкид намуданд.

**22-юми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк дар чорабинии канории «Харитаи роҳ барои соли 2025: «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шарикони Тоҷикистон - ЮНЕСКО, Ташкилоти ҷаҳонии обуҳавошиносӣ ва Бонки ҷаҳонӣ барои ҳамкории судманд дар ташкили ин чорабинӣ изҳори сипос намуданд.

Таъкид гардид, ки чорабинии имрӯза қадами аввал дар роҳи татбиқи қатъномаи нави Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ба шумор меравад.

Президенти мамлакат таъкид карданд, ки ҳадаф аз баргузор кардани чорабинӣ, қабл аз ҳама, муттаҳид сохтани талошҳои ҷонибҳои гуногун барои муваффақ ва натиҷабахш гардонидани ин ташаббус мебошад.

Ин ҳамоиш, ҳамчунин, барои таҳияи уҳдадории муштараки ҷонибҳо оид ба мавзӯъ ва сабти он дар Рӯзномаи амал дар соҳаи об ҳамчун саҳми муносиб дар натиҷаҳои ин конфронси таърихӣ хидмат хоҳад кард.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ҳадафи пешниҳоди эълони «Соли ҳифзи пиряххо» ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъалаи мубрам ва муттаҳид сохтани талошҳо барои андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати коҳиши ин раванд, устувор сохтани ҷомеа ва иқтисоди кишварҳо ба таъсири он мебошад.

Тибқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 мизбони Конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи ҳифзи пиряххо хоҳад буд.

Сарвари давлат барои дар сатҳи баланд баргузор кардани ин ҳамоиши байналмилалӣ омодагии ҳамаҷонибаи Тоҷикистонро иброз намуда, аз кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати ҳамкорӣ дар ин самт даъват ба амал оварданд.

Таъкид гардид, ки мо бояд дар якҷоягӣ бо кишварҳо ва ҷонибҳои манфиатдор Харитаи роҳ барои соли 2025-ро таҳия намуда, раванди омодагиро ба конфронси зикршуда фарогиру натиҷаовар ба роҳ монем.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки талошҳои якҷояи кишварҳову созмонҳо дар ин самт самараи дилхоҳ хоҳанд дод ва мо соли 2025 дар Тоҷикистон дар доираи Конфронси байналмилалии бахшида ба ҳифзи пиряххо дар ҳаллу фасли ин масъалаи муҳим метавонем таҳаввулоти ҷиддиро амалӣ намоем.

Дар чорабинии канории «Харитаи роҳ барои соли 2025: «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», ки аз ҷониби Тоҷикистон дар доираи Конфронси оби СММ - 2023 баргузор карда шуд, Дабири кулли СММ Антонио Гутерриш, Президенти Боливия Луис Аберто Арсе, Дабири кулли Созмони байналмилалии обуҳавошиносӣ Петери Таалас, директори генералии Агентии байналхалқӣ оид ба неруи ҳастаӣ Мариано Гросси, директори генералии Иттифоқи байналхалқии ҳифзи табиат Бруно Оберле ва муовини директори ЮНЕСКО Син Тсюя иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар чорабинии канории «Харитаи роҳ барои соли 2025: «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» Подшоҳи Нидерланд Виллем Александр низ ширкат варзид.

**24-уми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар маросими пӯшидашавии Конфронси оби СММ оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» иштирок карданд.**

Нахуст тибқи муқаррароти маросими пӯшидашавӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири минтақаи Арубаи Нидерланд Эвелин Вевер-Крус ба ҳайси раисони конфронс дар минбари асосӣ ҷойҳои худро гирифтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раисикунандаи Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об суханро ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, Раиси Маҷмаи умумии СММ ва Раиси ниҳоди СММ оид ба об Жилбер Ҳунбо дода, сипас нутқи ҷамъбастӣ намуданд.

Зимни суханронӣ дар маросими пӯшидашавии Конфронси оби СММ - 2023, ки аз 22 то 24 марти соли 2023 ҷараён дошт, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки дар давоми се рӯзи охир Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об, ки пас аз 46 сол бори аввал баргузор гардид, ҳазорон нафарро ҷамъ овард.

Таъкид гардид, ки дар кори конфронс иштирокчиён яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳим - об, ки аз он ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла ғизо, тандурустӣ, иқлим, табиат, фарҳанг ва иқтисодиёти кишварҳоямон, вобастагӣ дорад, баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон обро сарчашмаи ҳама мавҷудоти зинда дар олам ва қудрати муттаҳидсозии одамони сайёра номида, таъкид доштанд, ки мо бояд ба куллӣ тағйир додани тарзи фаҳмиш, арзиш ва идоракунии обро ба хубӣ дарк намоем.

«Моро зарур аст, ки вобаста ба об дидгоҳи наве дошта бошем, ки дурнамои рушди захираҳои онро инъикос намуда, ҳамзамон ба таҳкими нақши захираҳои оби тоза дар рӯзномаи баъдинаи ҷаҳонӣ мусоидат кунад», - иброз доштанд зимни суханронӣ Президенти мамлакат.

Таъкид шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд ҳамраисони ин конфронс дар ҳама марҳилаҳо бо кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ҳамкории хуб доштанд. Ин робитаҳо кишварҳои сайёраро дар масоили об шарикони воқеӣ гардонд.

Дар конфронс масоили вобаста ба кӯҳҳо, пиряххо ва дарёҳои сермаҷро дар кишвари зебоманзари Тоҷикистон то резишгоҳи дарёҳо, соҳили баҳр ва ҷазираҳои Шоҳигарии Нидерланд баррасӣ шуд.

Дар робита ба Конфронси таърихии оби СММ Сарвари давлат таъкид намуданд, ки қудрати бузурги об қитъаҳо, кишварҳо ва фарҳангҳои гуногуни ҷаҳонро муттаҳид месозад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват намуданд, ки биёед дар атрофи об муттаҳид бошем, ҳамин фурсатро ҷиҳати суръат бахшидан ба татбиқи минбаъдаи Ҳадафи шашуми рушди устувор ва дигар ҳадафҳои вобаста ба об аз даст надиҳем.

Бо натиҷагирӣ аз конфронс таъкид шуд, ки ин оғози шоҳроҳи нави амалҳои мушаххаси мо мебошад ва бо неруи нав акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, изҳор доштанд: «Ин се рӯз дар ҳақиқат моро неруи наве бахшид: мо аҳли ҷаҳонро ба шаҳри Нью - Йорк овардем, акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем».

Таъкид шуд, ки ҳама уҳдадориҳои пешниҳодшудаи давлатҳои узви СММ дар Рӯзномаи амалиёти об ворид карда шудаанд ва Рӯзномаи амал оид ба об бояд дар се ҳамоиши калидии дарпешистодаи Созмони Милали Муттаҳид, яъне Саммити ҳадафҳои рушди устувор - 2023, Саммити оянда - 2024 ва Саммити ҷаҳонӣ оид ба масоили иҷтимоӣ - 2025 ва тавассути форумҳои солонаи сиёсии сатҳи баланд оид ба Ҳадафҳои рушди устувор, конфронсҳои ҷонибҳои манфиатдор оид ба масоили иқлим, гуногунии биологӣ, инчунин дигар равандҳои Созмони Милали Муттаҳид ва албатта, раванди оби Душанбе ба таври мушаххас пайгирӣ карда шавад.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиёнро ба конференсияи навбатӣ оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии об, ки соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад, даъват намуданд.

Изҳори итминон карда шуд, ки имрӯз кишварҳо аз уҳдадориҳои гирифта ҷиҳати суръатбахшии амалҳо дар соҳаи об илҳоми тоза гирифтанд ва якҷоя метавонанд ба ин мақсадҳои наҷиб ноил гарданд.

10 ҳамраиси муколамаҳои интерактивӣ, 5 намояндаи ҷонибҳои манфиатдор ва 2 модератор ба саҳна даъват карда шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири минтақаи Арубаи Нидерланд қуттии рамзии Рӯзномаи амал оид ба обро, бо тамоми уҳдадории кишварҳо ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Раиси Маҷмаи умумии СММ тақдим карданд.

Дар ин лаҳза онҳоро вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ва вазири инфрасохтор ва оби Нидерланд ҳамроҳӣ карданд.

Баъд аз аксбардории маросими супоридани рамзи рӯзномаи об раисикунандаи Конфронси оби СММ - Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокдорон изҳори сипос намуда, Конфронси оби СММ оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018-2028»-ро пӯшида эълон намуданд.

Дар поёни маросими пӯшидашавии конфронс навори кӯтоҳи видеоии ҷамъбастӣ намоиш дода шуд.

Ҳамин тавр, Конфронси оби СММ, ки аз 22-юм то 24-уми марти соли 2023 таҳти раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд гузаронида шуд, ба анҷом расид.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар доираи ин конфронс Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Подшоҳи Нидерланд, роҳбарони як қатор ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ вохӯрда, масъалаи ҳамкориҳои дуҷониба ва рӯзномаи конфронсро баррасӣ карданд.

Инчунин, дар доираи конфронси зикршуда садҳо ҳамоишҳо дар мавзӯъҳои обу иқлим баргузор гардид. Иштирокчиёни конфронс ва ҳамоишҳо ба саҳми Пешвои миллат ва Тоҷикистон дар самти ҳалли масъалаҳои марбут ба об, иқлим ва пиряххо баҳои баланд доданд.

Бо ҳамин сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Нью-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки аз 20-ум то 24-уми марти соли 2023 ҷараён дошт, ба анҷом расид.

Нимаи дуюми рӯзи 24-уми марти соли равон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Нью-Йорки Амрико ба Ватан баргаштанд.

**www.president.tj**

# ТАЛОШҲОИ ЗИЁД, ДАВОМДОР ВА МУШТАРАК ЛОЗИМАНД, ТО СУРЪАТИ ОБШАВИИ ПИРЯХҲО КОҲИШ ДОДА ШАВАД

## Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии канории «Харитаи роҳ барои соли 2025: «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 22-юми марти соли 2023**

**Муҳтарам Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид!**

**Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, шуморо дар ин чорабинии канорӣ таҳти унвони «Харитаи роҳ барои соли 2025: «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» хайра мақдам мегӯям.

Бо истифода аз фурсат, ҳамчунин миннатдории худро ба шариконамон – ЮНЕСКО, Ташкилоти ҷаҳонии обуҳавошиносӣ ва Бонки ҷаҳонӣ барои ҳамкории судманд дар ташкили ин чорабинӣ иброз менамоям.

Чорабинии имрӯза қадами аввал дар роҳи татбиқи қатъномаи нави Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ба шумор меравад.

Ҳадаф аз он, қабл аз ҳама, муттаҳид сохтани талошҳои ҷонибҳои гуногун барои муваффақ ва натиҷабахш гардонидани ин ташаббус мебошад.

Итминони комил дорам, ки муколамаву мубоҳисаҳои судманд дар доираи ин чорабинӣ ба муайян сохтани диди ягона ва таҳияи харитаи роҳ барои соли 2025 мусоидат хоҳанд кард.

Ин ҳамоиш, ҳамчунин, барои таҳияи уҳдадории муштараки ҷонибҳо оид ба мавзӯъ ва сабти он дар Рӯзномаи амал дар соҳаи об ҳамчун саҳми муносиби мо дар натиҷаҳои ин конфронси таърихӣ хидмат хоҳад кард.

**Дӯстони гиромӣ!**

Чуноне ки шумо медонед, ташаббуси мазкурро мо соли 2021 дар ҷаласаи нахустини Эътилофи обу иқлим муаррифӣ намуда будем. Сабаби асосии пешниҳоди ин иқдом сол то сол мубраму нигаронкунанда гаштани масъалаи обшавии босуръати пиряххо мебошад, ки идомаи ин равандояндаи инсониятро зери хатар мемонад.

Тибқи гузориши Панели байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар бораи уқёнусҳо ва криосфера (соли 2019) то охири садсолаи равон сеяки пиряххои ҷаҳон метавонанд аз байн раванд.

Танҳо дар 50 соли охир дар Тоҷикистон беш аз як ҳазор пирях пурра об шуда, ҳаҷми умумии пиряххои кишвар ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардид.

Тибқи хулосаҳои коршиносон, се соли охир гармтарин солҳо дар тамоми давраи мушоҳидаҳои обуҳавошиносӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб мераванд.

Возеҳ аст, ки идомаи ин раванд, бо дарназардошти босуръат зиёд шудани талабот ба об дар натиҷаи афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисод, метавонад ба оқибатҳои ногувор оварда расонад.

Аллакай, дар панҷ даҳсолаи охир нишондиҳандаи таъмини оби тоза ба сари ҳар нафар аҳолӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ 2,5 баробар ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ бошад, чор баробар коҳиш ёфтааст.

Илова ба ин, обшавии пиряххои Арктика ва Антарктида боиси баландшавии сатҳи уқёнус гардида, ба ҳаёт ва некуаҳволии садҳо миллион сокинони Замин, хусусан дар кишварҳои хурди ҷазиравӣ, таҳдид менамояд.

Ҳамаи ин, боиси ташвиши хеле ҷиддӣ аст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Албатта, обшавии пиряххо раванди бисёр ҷиддиест, ки онро наметавон бо баргузор кардани чорабиниҳо дар доираи як сол ва ё ҳатто чандсолаҳо пешгирӣ намуд.

Талошҳои зиёд, давомдор ва муштарак, аз ҷумла ҷиҳати пешгирӣ кардани гармшавии ҳарорати ҳаво, лозиманд, то ки суръати обшавии пиряххо коҳиш дода шавад.

Ҳадафи пешниҳоди эълони «Соли ҳифзи пиряххо» ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин масъалаи мубрам ва муттаҳид сохтани талошҳо барои андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати коҳиши ин раванд, устувор сохтани ҷомеа ва иқтисоди кишварҳо ба таъсири он мебошад. Мо интизор дорем, ки қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ин масъала барои пешбурди ин раванд заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Мавриди зикр аст, ки қатъномаи мазкур санаи 21-уми мартро ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» муайян намуд. Бо дарназардошти ин, шурӯъ аз соли 2025 ҷаҳон се рӯз пайи ҳам аз 21-ум то 23-юми март ҷашнҳои марбут ба об, яъне «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», «Рӯзи захираҳои об» ва «Рӯзи обуҳавошиносӣ»-ро таҷлил хоҳад кард.

Ҳамчунин, мувофиқи ин қатъънома, Бунёди махсус ҷиҳати дастгирии амалҳои вобаста ба ҳифзи пиряххо таъсис дода мешавад, ки метавонад барои пиёда намудани иқдомоти зарурӣ ва татбиқи ҳадафҳо дар ин ҷода захираҳои молиявиро аз сарчашмаҳои гуногун сафарбар намояд.

Тибқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 мизбони Конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи ҳифзи пиряххо хоҳад буд.

Мо омодагии ҳамаҷонибаи кишвари худро барои дар сатҳи баланд баргузор кардани ин ҳамоиши байналмилалӣ иброз намуда, аз кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати ҳамкорӣ дар ин самт даъват ба амал меорем.

Қобили зикр аст, ки ин иқдом бо ташаббуси муҳтарам Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид оид ба таъмини ҳамагонӣ бо низоми огаҳии пешакӣ то соли 2027 ҳамрадиф буда, таъмини ҳамоҳангӣ ва ҳамкории зич дар татбиқи онҳо метавонад самараи боз ҳам беҳтар диҳад.

Мо бар ин назарем, ки дар якҷоягӣ бо кишварҳо ва ҷонибҳои манфиатдор Харитаи роҳ барои соли 2025-ро таҳия намуда, раванди омодагиро ба соли 2025 ва конфронси зикршуда фарогиру натиҷаовар ба роҳ монем.

Бовар дорам, ки таҷрибаву зарфиятҳои ЮНЕСКО ва Ташкилоти ҷаҳонии обуҳавошиносӣ, ки тибқи қатънома барои анҷоми тадорукоти «Соли ҳифзи пиряххо» мувазззаф гаштаанд, ба татбиқи самараноки ҳадафҳои он мусоидати ҳамаҷониба хоҳанд кард.

Аз нигоҳи мо, Бонки ҷаҳонӣ, Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ (МАГАТЭ), Иттиҳоди байналмилалӣ оид ба ҳифзи табиат, Эътилофи обу иқлим ва дигар шарикон, ҳамчунин, метавонанд дар муваффақ гаштани ин ташаббус саҳми муносиб гузоранд.

Албатта, платформаи «Раванди оби Душанбе» барои пешбурди муколамаву мубоҳисаҳо дар ин самт замина ва шароити мусоидро фароҳам хоҳад овард.

Итминони комил дорам, ки талошҳои якҷояи мо дар ин самт самараи дилхоҳ хоҳанд дод ва мо соли 2025 дар Тоҷикистон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии бахшида ба ҳифзи пиряххо дар ҳаллу фасли ин масъалаи муҳим метавонем таҳаввулоти ҷиддиро амалӣ намоем.

Ба ҳамаамон дар роҳи расидан ба ин ҳадаф барори кор хоста, ба ҳамкории судманд дар ин ҷода даъват менамоям.

**Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# ОБ ҚУДРАТИ МУТТАҲИДСОЗИИ ҲАМАИ МОРО ДОРАД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими пӯшидашавии Конфронси оби СММ - 2023

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 24-уми марти соли 2023**

**Олиҷанобон!**

**Муҳтарам Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид!**

**Муҳтарам Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид!**

**Иштирокчиёни муҳтарам!**

Дар давоми се рӯзи охир Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об, ки пас аз 46 сол бори аввал баргузор гардид, ҳазорон нафарро ҷамъ овард.

Мо ба хотири баррасии яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳим, ки аз он ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла ғизо, тандурустӣ, иқлим, табиат, фарҳанг ва иқтисодиёти кишварҳоямон вобастагӣ дорад, ҷамъ омадем.

Об дар ҳақиқат ҳам сарчашмаи ҳама мавҷудоти зинда дар олам аст. Бинобар ин об қудрати муттаҳидсозии ҳамаи моро дорад.

Мо зарурати ба куллӣ тағйир додани тарзи фаҳмиш, арзиш ва идоракунии обро ба хубӣ дарк мекунем.

Моро зарур аст, ки вобаста ба об дидгоҳи наве дошта бошем, ки дурнамои рушди захираҳои онро инъикос намуда, ҳамзамон ба таҳкими нақши захираҳои оби тоза дар рӯзномаи баъдинаи ҷаҳонӣ мусоидат кунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд ҳамчун мизбонони ин конфронс дар ҳама марҳилаҳо бо ҳамаи шумо ҳамкории хуб доштанд.

Бинобар ин мо дар масоили об шарикони воқеӣ гардидем, ки арзишҳои ҳамсонро доро буда, гардиши пурраи обро аз сарчашмаи он то баҳр муаррифӣ мекунем.

Чуноне ки мо аз кӯҳҳо, пиряххо ва дарёҳои сермаҷро дар кишвари зебоманзари Тоҷикистон, то резишгоҳи дарёҳо, соҳили баҳр ва ҷазираҳои Шоҳигарии Нидерланд масъалаҳои ин гардишро баррасӣ намудем. Ин аст қудрати бузурги об, ки қитъаҳо, кишварҳо ва фарҳангҳои гуногуни ҷаҳонро муттаҳид месозад.

Дар ҳақиқат ин конфронс ҷаҳонро муттаҳид сохт.

Биёед мо дар атрофи об муттаҳид бошем!

Биёед ҳамин фурсатро ҷиҳати суръат бахшидан ба татбиқи минбаъдаи Ҳадафи шашуми рушди устувор ва дигар ҳадафҳои вобаста ба об аз даст надиҳем!

Гарчанде ин конфронс дар давраи миёнаи татбиқи Даҳсолаи байналмилаии амал «Об - барои рушди устувор» доир мегардад, ба назари мо, ин оғози шоҳроҳи нави амалҳои мушаххаси мо мебошад.

Ин се рӯз дар ҳақиқат моро неруи наве бахшид: мо аҳли ҷаҳонро ба шаҳри Ню-Йорк овардем, акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем.

Ҳама уҳдадориҳои шумо дар Рӯзномаи амалиёти об ворид карда шуданд. Мо аз ин уҳдадориҳо истиқбол карда, пайгирии татбиқи васеи онҳоро зарур мешуморем.

Рӯзномаи амал оид ба об бояд дар се ҳамоиши калидии дарпешистодаи Созмони Милали Муттаҳид, яъне Саммити ҳадафҳои рушди устувор-2023, Саммити оянда-2024 ва Саммити ҷаҳонӣ оид ба масоили иҷтимоӣ-2025 ва тавассути Форумҳои солонаи сиёсии сатҳи баланд оид ба ҳадафҳои рушди устувор, конфронсҳои ҷонибҳои манфиатдор оид ба масоили иқлим, гуногунии биологӣ, инчунин дигар равандҳои Созмони Милали Муттаҳид ва албатта, платформаи «Раванди оби Душанбе» ба таври мушаххас пайгирӣ карда шавад.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб, ҳамаи шуморо ба Конференсияи навбатӣ оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», ки соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад, даъват менамоям.

Барои ҳузуратон бо мо дар шаҳри Ню-Йорк ва барои шарикии дастаҷамъона изҳори сипос менамоям.

Итминон дорам, ки ҳамаи мо имрӯз аз уҳдадориҳои гирифтаамон ҷиҳати суръатбахшии амалҳо дар соҳаи об илҳоми тоза гирифтем. Якҷоя мо ба ин мақсадҳои наҷиб ноил хоҳем гашт!

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ – РОҲНАМОИ ФАЪОЛИЯТ

**Раҳимҷон МУҚИМӢ, раиси ноҳияи Рашт, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**Паём ин номаи самимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як ҳамватан, пайғоми пурифтихори насли имрӯз ба наслҳои фардо ва садои баланду созандаи давлату миллати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.**

**Дар Паёми навбатӣ низ, ки 23-юми декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, Президенти мамлакат дастовардҳои чанд соли охири кишварро ҳамаҷониба таҳлил намуда, муваффақиятҳоро ном бурда, дар назди масъулин вазифаҳои навбатиро гузоштанд.**

Аз ҷумла, дар хусуси навгониҳои соҳаҳои барои ҷомеа муҳим - маориф ва тандурустӣ Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намуданд: «Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард. Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст». Пешравиҳо дар ин самтҳо дар тамоми манотиқи кишвар ба назар мерасанд. Агар вазъи имрӯзаи ин ду соҳаи муҳимро ба 20-25 соли собиқ қиёс намоем, дар дилхоҳ шаҳру ноҳия фарқият аз замин то осмон аст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки соҳаҳои маориф ва тандурустӣ барои Ҳукумати кишвар муҳим буда, барои рушд ва пешрафти онҳо аз тамоми имконоту воситаҳо самаранок истифода бурда мешавад. Аз зиёд шудани теъдоди муассисаҳои тандурустӣ ва кормандони ин соҳа низ дар Паём зикр гашт, ки «Дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст».

Беҳ шудани сатҳи даромади мардум имкон медиҳад, ки онҳо барои пешбурди рӯзгор, таълиму тарбия ва беҳтар намудани шароити маишиву иҷтимоии худ маблағҳои бештарро ҷудо намоянд. Дар ин маврид Президенти кишвар дар Паёми навбатӣ чунин зикр намуданд: «Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд шуд. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт». Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки мардум барои беҳтар шудани сатҳи рӯзгори хеш сол то сол имконоти бештарро пайдо мекунанд.

Дар ҳама давру замон барои инсоният дастрасӣ доштан ба манзил яке аз мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мерафт ва имрӯз ҳам он ба мушкилоти аввалиндараҷа табдил ёфтааст. Муҳимияти ин масъаларо дарк намуда, Ҳукумати кишвар тамоми чораҳоро меандешад, то ин ки сол то сол шароити манзили шаҳрвандон беҳтар шуда, онҳо соҳиби сарпаноҳ гарданд. Ба ин масъала Президенти кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таъкид карданд: «Дастрасӣ ба манзил яке аз самтҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ буда, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд.

Аз соли 2000-ум то соли 2022-юм ҳаҷми солонаи ба истифода супоридани манзил аз 245 ҳазор метри мураббаъ ба зиёда аз 1,5 миллион метри мураббаъ расидааст.

Бо мақсади беҳтар кардани шароити зиндагии мардуми кишвар танҳо дар 10 соли охир 7,2 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои бунёди беш аз 14 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба аҳолии мамлакат ҷудо гардидааст.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба 1 миллиону 450 ҳазор оила замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзил ҷудо карда дода шудааст».

Барои исботи ин гуфтаҳо кофист ба дилхоҳ деҳкадаву шаҳраки ҷумҳурӣ назар андозем ва мебинем, ки рӯз то рӯз симои онҳо зеботар гашта, мардум бо манзилҳои дорои тамоми шароит таъмин мегарданд. Ин бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати кишвар таъмини аҳолӣ бо манзили зист ё қитъаи замин дар ҷойи аввал меистад.

Агар ба гузаштаи начандон дури мамлакат назар андозем, баръало эҳсос мегардад, ки вазъи роҳҳои кишвар то кадом андоза харобу валангор буданд ва барои аз як гӯшаи кишвар ба дигар канори он рафтан ҳафтаҳо сарф мешуд. Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ вазъи роҳҳои кишвар куллан тағйир ёфта, имрӯз дар сатҳи байналмилалӣ роҳҳои кишвари мо яке аз беҳтаринҳо ҳисобида мешаванд. Акнун имкон шудааст, ки ба минтақаҳои гуногуни кишвар сафар намуда, аз роҳҳои ҳамвору мумфарш истифода барем. Дар ин маврид Президенти мамлакат дар Паём муфассал сухан ронда, аз ҷумла таъкид намуданд: «Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар панҷ соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шудаанд.

Татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Роғун - Обигарм - Нуробод (76 километр) бомаром идома дорад».

Боварӣ дорем, ки пас аз пурра ба анҷом расидани ин лоиҳа сокинони водии Рашт имкон пайдо мекунанд, ки бо ҳама гӯшаҳои мамлакат озодона рафтуомад кунанд.

Дар мавриди соҳаи кишоварзӣ низ Президенти мамлакат муфассал суханронӣ намуда, доир ба рушди ин соҳаи барои кишвар муҳим чунин андешаронӣ намуданд: «Соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд. Дар натиҷа, тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт.

Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид.

Дар панҷ соли охир ҳолати мелиоративии 50 ҳазор гектар замин беҳтар гардонида, 13 ҳазор гектар замини нав аз худ ва 23 ҳазор гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиш ворид карда шуд».

Ноҳияҳои водии Рашт асосан ба кишоварзӣ машғуланд ва аз Паёми навбатии Президент илҳом гирифта, тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳанд, ки аз ҳар порча замин самаранок истифода бурда, барои ба даст овардани ду ҳосил дар давоми сол самаранок меҳнат намоянд.

Чунин ба назар мерасад, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ теъдоди занону бонувони маълумоти олӣ ва махсуси касбидошта рӯ ба афзоиш аст, ки ин албатта, аз ғамхории роҳбарияти кишвар нисбат ба ин табақаи ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ чунин зикр карданд: «Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шуданд. Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд». Исботи ин гуфтаҳоро мо дар мисоли деҳкадаву шаҳракҳои дуртарини кишвар, аз ҷумла водии Рашт, эҳсос менамоем.

Таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар барои ба вазифаҳои баланди давлатӣ ҷалб намудани занону бонувон низ шоистаи таҳсин аст. Ин аст, ки сол то сол теъдоди занону бонувони дар вазифаҳои баланди давлатӣ фаъолиятдошта рӯ ба афзоиш аст. Ин нуктаро дар Паёми имсола Президенти мамлакат махсус таъкид намуданд: «Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71 фоиз, фарҳанг 47 фоиз, бонкдорӣ 39 фоиз, алоқа 25 фоиз, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз, мебошанд».

Воқеан ҳам, сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сар аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сатҳи зиндагии мардум беҳтар шуда, бо кӯшишу талошҳои ҳамагон он дар оянда боз ҳам беҳтар хоҳад гашт.

Метавонем ин рақамҳоро бо далелҳои раднопазир дар мисоли шаҳру ноҳияҳои кишварамон тасдиқ намоем. Дар ноҳияи мо низ бо дастгириҳои Пешвои миллат соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ бомаром рушд ёфта, сатҳи зиндагии мардум батадриҷ беҳтар гардид. Масалан, аз ҳисоби даромадҳои худӣ нақшаи воридоти андозҳо ба андозаи 108,7 фоиз иҷро шуда, ба буҷет ба ҷойи 30 миллиону 730 ҳазор сомонӣ, 33 миллиону 414 ҳазор сомонӣ дохил гардид.

Дар ҳамин давра аз Муассисаи давлатии маркази идораи лоиҳаи «Чорводорӣ ва чарогоҳ» ва лоиҳаи сармоягузории «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа» 365 техника ва мошинолоти кишоварзӣ ба 65 мақомоти худфаъолияти ҷамъиятии ноҳия дастрас карда шуд.

Дар асоси ҳидоятҳои Роҳбари давлат соли сипаришуда 5 бунгоҳи тиббӣ, 4 китобхона ва 8 бинои нави таълимӣ мавриди истифода қарор гирифта, дар 18 муассисаи таълимӣ сохтмони биноҳои нави иловагӣ идома дорад.

Барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 5031 тонна, зироатҳои техникӣ ба 778 тонна, сабзавот ба 10210 тонна, картошка ба 5707 тонна ва мева ба 33350 тонна расонда шуд.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 61 миллиону 294 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021-ум 5 миллиону 626 ҳазор ё 10,1 фоиз зиёд мебошад.

Аз 203 иншооти ба пешвози Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифташуда 54 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар 64 иншооти дигар корҳои сохтмонӣ тибқи нақша идома дорад. Аз ин теъдод 32 иншоот бо ташаббус ва дастгирии соҳибкорон рӯи кор омадааст.

Аз тарафи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии дар ноҳия фаъолиятдошта ба маблағи 24 миллиону 473 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд, ки нисбат ба соли 2021- ум 8 миллиону 425 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар мавзеи Дашти Беоби деҳоти «Ҳоит» бо дарозии 1100 метр қубурҳои обгузар хобонда, ба маблағи 1 миллиону 600 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шуданд, ки тавассути он беш аз 100 гектар замин ба ҳолати кишоварзӣ оварда шуд.

Аз ҳисоби ташкилоти хайриявии «Тоҷикистон» сохтмони биноҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №22 дар деҳаи Ҳоит, №39 дар деҳаи Воринг, таваллудхона дар назди беморхонаи минтақавии Ҳоит ва бинои нави дуошёна дар назди беморхонаи минтақавии шаҳраки Навобод идома доранд.

Дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби маблағгузории Бонки осиёгии рушд сохтмони маркази модару кӯдак ва таъмири асосии биноҳои беморхонаи марказӣ ва муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия оғоз гардида, идома доранд.

Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳо ва коргоҳҳои саноатии ноҳия дар соли 2022 ба 61 млн. 294,4 ҳазор сомонӣ баробар мебошад, ки нисбат ба соли қаблӣ 5 млн. 626,2 ҳазор сомонӣ ё 10,1 фоиз зиёд аст.

Бо мақсади амалӣ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6- уми январи соли 2022 «Дар бораи солҳои рушди саноат эълон намудани солҳои 2022-2026» нақшаи чорабиниҳо таҳия карда шудааст, ки тибқи он, бо ҷалби маблағҳои соҳибкорон ва шарикони рушд дар солҳои 2022-2026 бо назардошти мавҷудияти ашёи хом бунёди 21 адад коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар назар дошта шудааст.

Шумораи корхонаҳои истеҳсолии ноҳия то 1-уми январи соли ҷорӣ ба 20 адад расонида шудааст, ки нисбат ба нишондоди аввали соли сипаришуда 4 корхона зиёд мебошад.

Аз моҳи июни соли 2022 фаъолияти ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Баҳодур-2013», «Абдураҳимиён» ва «Сандуқи заррин» ва аз моҳи сентябр Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хишти пухта» дар мавзеи Бини Суфиён ба расмият дарооварда шуда, ба фаъолият оғоз намуданд. Ҳамзамон, дар назар аст, ки ҳуҷҷатгузорӣ ва бақайдгирии Корхонаи истеҳсоли қуму шағал дар шаҳраки Навобод, коргоҳҳои мебелбарорӣ ва истеҳсоли сафолакҳо дар маҳаллаи Сомониён, Коргоҳи истеҳсоли макарон дар назди Корхонаи ордбарории шаҳраки Ғарм ва Коргоҳи истеҳсоли хишти сабук дар маҳаллаи Сари пул ба анҷом расонида шаванд.

Бо мақсади эҳё ва роҳандозӣ намудани фаъолияти КВД «Матбааи ноҳия» таҷҳизоти калонҳаҷми чопӣ дастрас карда шуда, фаъолияти истеҳсолии корхонаи мазкур, ки солиёни зиёд бефаъолият буд, аз нав эҳё карда шуд.

Баҳри таъмини рушди бомароми соҳаи саноат дар ноҳия «Барномаи рушди соҳаи саноат дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2021-2025» таҳия ва бо қарори раиси ноҳия аз 7-уми июни соли 2021, таҳти №445 тасдиқ карда шуда, раванди иҷрои он таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

Бо дастгирии мутахассисони Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи технопарк дар ноҳияи Рашт таҳия шудааст, ки вобаста ба мавҷудияти манбаъҳои ашёи хом ва коркарди онҳо, бунёди корхонаҳои гуногун дар назар дошта шудааст. Лоиҳаи мазкур ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ барои дастгирӣ пешниҳод карда мешавад.

Дастовардҳо дар соҳаҳои гуногуни кишвари азизамон хеле зиёданд, ки инро мардуми заҳматкаши ноҳияи Рашт дар мисоли ноҳия ва деҳаи худ дар ҳар қадам эҳсос мекунанд. Барои мардуми шарифи Тоҷикистон Паём бозгӯкунандаи рушду шукуфоӣ ва барномаи пешрафт барои оянда ҳисобида мешавад.

Ҳар як сокини кишварро мебояд, ки ин ҳуҷҷати муҳимро чун роҳнамо истифода барад ва дар амалӣ гаштани он саҳми худро гузошта, дар пешрафту ободии кишвар ҳиссагузор бошад. Сокинони ноҳияи Рашт низ бо сипосгузорӣ аз соҳибистиқлолии кишвар ва дастгирию ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сармашқи кор қарор дода, баҳри ба дастовардҳои нав ба нав ноил шудан дастҷамъона саъю талош меварзанд.

# БАРРАСИИ МАНЗАЛАТИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР КИШВАРҲОИ ИДМ

**Чанде пеш ҷаласаи бистуми Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардид. Мавзӯи асосии рӯзномаи ҷаласа баррасии усулҳои ҳифз ва рушди забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни ҷавонони кишварҳои ИДМ буд.**

Ҷаласаро ҳамоҳангсози Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони давлатҳои аъзои ИДМ, узви Кумитаи доимии Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Арманистон оид ба масъалаҳои давлатӣ ва ҳуқуқӣ Лилит Минасян ифтитоҳ намуд.

Вакили Маҷлиси намояндагон Зоир Раҳмонзода ва мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Давлатзода оид ба мақому манзалати забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза намуданд.

Номбурдагон иброз намуданд, ки ҳар сол барои омӯзгорони забони русии ҷумҳурӣ курсҳои такмили ихтисос гузаронда мешавад. Дар донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар марказҳои «Русский мир» бомуваффақият амал мекунанд.

- Имрӯз дар кишвар 69 мактаб бо забони русӣ фаъолият мекунад, ки дар онҳо 47 ҳазор хонанда таҳсил менамоянд. Ҳамчунин, беш аз 259 мактаби омехтаи тоҷикиву русӣ мавҷуд аст, ки дар он 70 000 хонанда ба таълиму тадрис фаро гирифта шудаанд. Илова бар ин, дар аксар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои таълимӣ бо забони русӣ фаъолият мекунанд, - иброз доштанд намояндагони Тоҷикистон.

Ҳамчунин, солҳои 2021 - 2022- юм 50 омӯзгори забони русӣ аз Федератсияи Россия ба Тоҷикистон барои кор фиристода шуданд. Соли 2022 дар панҷ шаҳри сераҳолии Тоҷикистон панҷ мактаби нав сохта шуд, ки таҳсил дар онҳо бо забони русӣ сурат мегирад.

Пас аз анҷоми чорабинӣ вакилони ҷавон аз Осорхонаи ба номи Г. Р. Державин боздид намуданд.

Дар чорабинӣ намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бахтовар Сафарзода низ иштирок намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# САРЧАШМАИ РУШДУ ДАСТОВАРДҲО АЗ МАСЪУЛИЯТ ВА ВАТАНДӮСТИСТ

**Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи муосир чун як ҳуҷҷати роҳнамо ва санади барномавӣ эътироф гардида, баёнгари умеду ормони мардум аст.**

Дар Паёми Пешвои миллат дар баробари муайян кардани самтҳои муҳими сиёсиву иқтисодӣ дар соли 2023 ба масъалаҳои умдаи ҷомеаи муосири кишвар дахл намуда, фикру андешаҳои созгор баён доштанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла, чунин дастур доданд: «Бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад».

Сарвари давлат дар баробари баррасии масъалаҳо ба муносибати аҳли ҷомеа, бахусус роҳбарону кормандони зинаҳои касбу кори гуногун, дахл намуда, онҳоро ба масъулиятшиносӣ даъват намуданд. Воқеан, ҳоло дар замони муборизаҳои шадиди геополитикӣ ва дар ин давраи пур аз гирудору талошҳо, бегонапарастиву ифротгароии иддаи кӯрдил эҳсоси масъулияти ҳама, бахусус роҳбарону хизматчиёни давлатӣ, ба хотири бақову устувории меҳану миллат, фардои дурахшону пойдории давлат муҳим ҳисобида мешавад. Дар робита ба ин масъала Пешвои миллат таъкид доштанд, ки «Ҳар яки мо - роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ ва кулли хизматчиёни давлатӣ дар ин ҷода масъулият дорем ва вазифадорем, ки ба халқи азизи Тоҷикистон софдилонаву содиқона хизмат кунем». Дар ин раванд эҳсоси масъулиятшиносӣ ва ватанпарастӣ моро ҳидоят менамояд: «Боз ҳам бештар заҳмат кашем ва барномаҳои созандаву нақшаҳои бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезикардаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем».

Дар оғози солҳои навадуми асри гузашта - замоне ки давлати соҳибистиқлоли мо аввалин қадамҳои худро мегузошт, Тоҷикистон бо фитнаву дасисаи неруҳои ифротгарои дохилӣ ва хоҷагони хориҷии онҳо ба гирдоби мухолифати шадиди сиёсӣ ва баъдан ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он боиси қурбониҳои зиёди ҷонӣ ва хисороти бузурги моддиву маънавӣ гардид. Дар он айём, дар фурсати бисёр кӯтоҳ аркони давлатдорӣ ва сохтору мақомоти давлатӣ фалаҷ гардида, дар кишвар беқонунӣ ва беҳокимиятӣ ҳукмфармо шуд.

Дар он солҳо пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе вазъи ниҳоят мураккабу душвори ҷамъиятиву сиёсӣ дошт. Ба ташкил ва баргузор намудани ягон чорабинии сиёсӣ ғайриимкон буд. Аз ин рӯ, бо пешниҳоди вакилон Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд, дар сатҳи баланд баргузор гардид, ки дар он ба таъмин намудани суботу оромӣ, сарҷамъ сохтани миллати тоҷик ва барқарорсозии сохти конститутсионӣ қадами боэътимод гузошта шуд. Муҳимтар аз ҳама, вакилони иҷлосия дар интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хато накарданд ва ба қавле «офтоб ба сари мардуми офатзадаи тоҷик хандид». Бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон - ҷавонмарди меҳанпараст ва ба Ватану халқи худ содиқ Тоҷикистон роҳи нав, роҳи тамаддун, созандагӣ ва ободкориро пеш гирифт.

Бо таври мушаххас агар гӯем, дастоварди бузург дар ин давра, чӣ хеле ки Пешвои миллат борҳо таъкид доштаанд, расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ва бо ҳамин роҳ аз хатари нобудӣ наҷот додани давлати тоҷикон ва аз парокандагӣ эмин нигоҳ доштани миллати тоҷик мебошад.

**Мухтори АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# САРМАШҚИ КОРИ ОМӮЗГОРОН

**Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 23 - юми декабри соли 2022 ироа гардид, соҳаҳои фарҳанг, тандурустӣ, саноат, энергетика, соҳибкорию сармоягузорӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ, муносибати дипломатӣ бо дигар давлатҳо, ҳифзи обу иқлим ва пиряххо, мубориза зидди терроризму ифротгароӣ ва беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии мардум мавриди баррасӣ қарор гирифт. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи бартараф кардани як қатор камбудиҳоро, ки барҳам додани онҳо ба рушди соҳаҳои гуногун ва зиндагии шоистаи мардум боис мегардад, мушаххас намуданд.**

Воқеан, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали Роҳбари давлат интихоб шуданашон ба мардум сулҳ, ваҳдат ва истиқлолият оварданд, гурезаҳоро ба Ватан баргардонданд, заминро ба дасти деҳқон доданд, мактабу шифохонаҳои замонавӣ, пулу нақбҳо ва неругоҳҳо бунёд сохта, фарҳангу таърихи тоҷиконро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд. Дар натиҷа, зиндагии мардум рӯз аз рӯз беҳтар шуд.

Барои он ки насли ҳозира ояндаи миллатро ба даст гирифта, зиндагии ҷомеаро боз ҳам ба самти нек бубарад, Пешвои миллат рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани савияи дониши хонандагонро дар мадди аввал гузошта ва ҳар сол зимни ироаи Паём ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Пешвои миллат ин навбат низ дар Паём ба соҳаи маориф ҳамчун соҳаиояндасоз таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, бори дигар мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас номида, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин шумурданд, ки ин ба мо - омӯзгорон илҳом ва неруи тоза бахшид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад».

Солҳои охир ба маориф дар кишвари мо таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида, мактабҳои замонавӣ бунёд шудаву бо аёнияти таълимӣ муҷаҳҳаз гардиданд. Бо дастури Сарвари давлат озмунҳои ҷумҳуриявӣ - «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикон-оинаи таърихи миллат» роҳандозӣ шуданд, ки ҳамагӣ дар самти боло бурдани савияи дониши хонандагон такони ҷиддӣ бахшиданд. Хусусан, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар ҷомеа такони ҷиддӣ бахшид. Тавассути оинаи нилгун намоиши раванди озмун ва қадр шудани ғолибони он бори дигар собит намуд, ки дониш ба инсон на танҳо ғолибият, балки обрӯву эҳтиром меорад. Хусусан, насли наврас ба китоб, ки сарчашмаи дониш арзёбӣ мегардад, рӯ овард. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад».

Зиндагии шоистаи омӯзгорон ҳам ҳамеша дар мадди назари Сарвари давлат аст. Қазоват намоед, ки музди меҳнати омӯзгорон соли гузашта 20 фоиз зиёд гардида буд. Имсол ҳам зимни ироаи Паём Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд, ки дар қатори кормандони муассисаҳои тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ маоши кормандони соҳаи маориф низ 20 фоиз зиёд мешавад. Пешвои миллат таъкид намуданд: «Ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта - сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Маҳз ба ҳамин хотир, дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳа чораҳои зарурӣ андешида истодаанд. Чунин ғамхориҳои Пешвои миллат нисбат ба мактабу маориф, мо - омӯзгоронро водор месозад, ки дар иҷрои вазифа масъулияти бештар эҳсос ва муносибатамонро ба кор тағйир диҳем. Дар ин самт Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳнамои мост.

**Саймаҳмад СУЛТОНОВ,**
**омӯзгори МТМУ-и №17-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414278 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Корҳои таъмиру сохтмонӣ дар истироҳатгоҳи кӯдаконаи «Шарора»-и ноҳияи И.Сомонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.03.2023 16:30:00 |
| 2 | 414287 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №2-и шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 28.03.2023 18:50:00 |
| 3 | 414288 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 55 | 29.03.2023 14:11:59 |
| 4 | 414292 | Маркази шаҳрии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сили шаҳри Душанбе | Реагентҳои лабораторӣ, маводи доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 107 | 29.03.2023 14:40:59 |
| 5 | 414284 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Молҳои хоҷагӣ ва хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 30.03.2023 17:10:00 |
| 6 | 414297 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хизматрасонии чопи варақаҳои баҳисобгирию ҳисоботии қатъӣ барои Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД ҶТ | Озмуни харид аз тариқи иштироки маҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 03.04.2023 13:00:00 |
| 7 | 414270 | Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ ва хонагӣ, гилемҳо, маводи масрафшаванда, картридж ва пардаҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 10.04.2023 08:10:00 |
| 8 | 414279 | Муассисаи давлатии «Литсейи касбии махсуси маъюбон» дар шаҳри Душанбе | Мебел, таҷҳизоти оргтехника, телевизор, обгармкунак ва мошини ҷомашӯӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 10.04.2023 09:35:00 |
| 9 | 414272 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи техникии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе» | Мебел, молҳои рӯзгор ва асбобҳои рӯзгор, техникаи маишӣ, мошинҳои дӯзандагӣ, асбобҳои таълимӣ, макетҳо ва компютери фардӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 10.04.2023 10:15:15 |
| 10 | 414267 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ховалинг | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.04.2023 11:17:07 |
| 11 | 414277 | Идораи сохтмони асосии МИҲД-и шаҳри Кӯлоб | Сохтмони роҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 11:22:26 |
| 12 | 414265 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб» | Хизматрасониҳо доир ба омӯзондани кормандон аз барномаи муҳосибавии 1 «С» ва насби ин барнома | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 10.04.2023 12:05:47 |
| 13 | 414290 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Таҷҳизоти тиббӣ, маҳсулот ва дастгоҳҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 10.04.2023 14:26:59 |
| 14 | 414291 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 10.04.2023 14:31:59 |
| 15 | 414263 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯроки хушки саг | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 10.04.2023 15:20:00 |
| 16 | 414269 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишии ба номи И.Ҳасанов» | Хӯрокворӣ, оташхомӯшкунак ва молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 10.04.2023 15:50:27 |
| 17 | 414266 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пиёзи бехӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.04.2023 16:00:00 |
| 18 | 414273 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бохтар» | Таъмири бинои маъмурии Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бохтар» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 16:00:45 |
| 19 | 414274 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бохтар» | Соҳилмустаҳкамкунии пули мошингузар дар км-и 77- уми роҳи автомобилгарди Рӯдакӣ - Ёвон - А. Ҷомӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 16:10:35 |
| 20 | 414276 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бохтар» | Васл намудани чароғаки раҳнамо дар роҳи байналмиллалии РБ-09 Душанбе-Бохтар ба воситаи Ҷ.Балхӣ дар км 94+200 ноҳияи Кӯшониён, даромад ба Ҷамоати деҳоти Заргар ва даромад ба беморхонаи «Даъво»-и шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 16:15:30 |
| 21 | 414280 | Беморхонаи маркази ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таҷҳизоти тиббӣ ва либоси махсуси муҳофизатӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 10.04.2023 16:27:48 |
| 22 | 414271 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 10.04.2023 16:45:17 |
| 23 | 414268 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Молҳои барқӣ, бухории ангиштӣ, тухми алаф, ниҳоли садбарг, ниҳоли дарахтҳо, торф, нуриҳои органикӣ, минералӣ ва гулдонҳои полиэтиленӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 10.04.2023 16:46:46 |
| 24 | 414281 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, тухмии пахта, ниҳол ва тухмиҳои сабзавот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 10.04.2023 16:55:00 |
| 25 | 414283 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 73 | 10.04.2023 16:58:28 |
| 26 | 414285 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Маводи реактивӣ (реагентҳо) ва маводи масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 10.04.2023 17:20:00 |
| 27 | 414286 | Маркази равонпизишкии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 10.04.2023 17:28:30 |
| 28 | 414293 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмир ва таҷдиди асосӣ дар «Резервати биосферии Ромит» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.04.2023 09:20:00 |
| 29 | 414298 | Муассисаи таҳсилоти томактабии № 9 «Меҳргон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 17.04.2023 13:30:00 |
| 30 | 414299 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №8 «Наврӯз»-и шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 17.04.2023 13:40:00 |
| 31 | 414300 | Муассисаи таҳсилоти томактабии № 3 «Алла» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 17.04.2023 13:45:00 |
| 32 | 414302 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Рангҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 17.04.2023 13:50:00 |
| 33 | 414296 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар ноҳияи Шаҳринав | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 17.04.2023 13:59:30 |
| 34 | 414303 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.04.2023 14:20:00 |
| 35 | 414306 | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои маъмурии Раёсати ҳифзи муҳити зист дар шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.04.2023 14:20:00 |
| 36 | 414310 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Литсензияи барнома ва моноблокҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 18.04.2023 14:35:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪЛОН!

Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ хабар медиҳад, ки санаи баргузории музоядаи №27 оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд («Садои мардум» №26 аз 17-уми феврали соли 2023), аз 20-уми марти соли 2023, ба 29-уми марти соли 2023 тағйир дода шуд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Аттестати силсилаи АБ № 047510-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №81 (ҳоло №35)-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1999 ба Джураева Махсуда Зарифовна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати силсилаи АБ № 262699-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Нуробод 11-уми декабри соли 2004 ба Абдулҳаев Муззаммил Изомович додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин барои истифодаи якумра бо дараҷаи А №0108232 таҳти қайди рақами 997-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 7-уми апрели соли 2005 ба Кабиров Шарофиддин додааст, эътибор надорад.

✓Патенти №0402505-и гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 10-уми майи соли 2019 ба Сафаров Умедҷон Нуралиевич (РЯМ 0331403307) додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати силсилаи АБ № 054474-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №78-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2000 ба Бакиров Роберт Шамильевич додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 1999 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш. Шоҳтемур, бинои 75/1, квартираи 42 ба Малахов Абдуллохон додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе соли 1999 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур, бинои 75/1, квартираи 42 ба Малахов Абдуллохон додааст, эътибор надорад.

✓Манзилномаи № 585-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи шаҳри Душанбе 14-уми феврали соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Гиссарская, бинои 79, квартираи 21 ба Заробекова Пайваста Заробековна додааст, эътибор надорад.

✓Дастгоҳи назоратии хазинавии тамғаи «Меркурий 130 Ф», № 203294-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Абдулҳақов Сӯҳроб Абдуллоевич (РМА 045591062), эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи хатми синфи 9- и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 117-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №130-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе) соли 1990 ба Ободова Ойсулув Хафизовна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ (собиқ ноҳияи Марказӣ) бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 23/12, квартираи 13 ба Дададжанова Людмила Константиновна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 23/12, квартираи 13 ба Дададжанова Людмила Константиновна додааст, эътибор надорад.

✓Манзилнома (ордер)-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 23/12, квартираи 13 ба Дададжанова Людмила Константиновна додааст, эътибор надорад.

✓Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба Файзуллоев Салоҳиддин Нуруллоевич додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи фаъолияти якҷоя дар сохтмони бинои истиқоматӣ бо маркази савдо ва хизматрасонии маишӣ дар ошёнаи аввали силсилаи ДШ № 0378358-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 19-уми июли соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, бинои 71/2 ба Абдурахимов Файзалӣ Абдулхаевич додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муҳамади - 2013 (РЯМ 0510005174, РМА 050010452) воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авроз» (РМА 510040096, РЯМ 5110021593), ки дар Нозироти андози шаҳри Хуҷанд 20-уми апрели соли 2019 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сохтмони кишвар 2012» (РМА 090012151), ки дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2012 ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳамкориҳои фарҳангӣ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятии силсилаи ВАТҶ № 0001800 буда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами қайди ИҶ 1989 15-уми сентябри соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократию ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 27 марти соли 2023, соати 19:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97